ББК 84 Тоҷик 7 – 4
Д - 13

Толибшоҳи ДАВЛАТ

# ЛОНАҲОИ БЕТУРНА
П о в е с т

Муҳаррири масъул

Мунаввари МУНАВВАРЗОД



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*Замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ақибгоҳи кишвари паҳновари шӯроҳо асосан занону кӯдакон монда буданд. Онҳо дар шаҳрҳо ба ҷойи мардон паси дастгоҳҳо истода, лавозимоти ҷангӣ истеҳсол мекарданд. Дар деҳот бошад галлаву чорво парвариш карда, дар кори галаба бар фашизми гитлерӣ саҳм мегирифтанд. Дар аксар деҳоти имрӯзаи Тоҷикистон вазъи замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳукмфармост. Баъди ҷанги шаҳрвандӣ рӯзгори мардуми одӣ хеле бад гардид. Хусусан дар деҳот. Ҳукумати кишвар баҳри беҳдошти сатҳи зиндагии шаҳрвандон ҳарчанд талош варзад ҳам, натиҷаи дилхоҳ  ба даст намеояд. Рӯзгори вазнин, ҳатто сангин, бекорӣ, маъоши ночиз боис гашта, ки мардум, хусусан деҳотиён барои дарёфти  ризқу рӯзӣ тарки ватан намоянд. Мувофиқи баъзе маълумотҳо қариб сӣ фоизи мардуми Тоҷикистон дар Русия ба таҳқир ва ҳар гуна душвориҳо нигоҳ накарда, кору зиндагӣ доранд. Аз ин ҷост, ки баъзе деҳоти имрӯзаи Тоҷикистон ақибгоҳи замони Ҷанги Бузурги Ватаниро мемонад.*

***/Аз гуфторҳои радиои «Озодӣ», октябри соли 2000/***



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ОҒОЗ

- Сайлӣ, нигоҳ кун, Нигора худша орову торо дода шаҳр равонай.

Ҷавонзани куртаи чити обшуста ба тан, болои дастаи каланд такязанон ин суханҳоро ба ҳампаҳлуяш гуфта монд. Даҳ – дувоздаҳ ҷавонзан даруни пахтазори то зону қадкашида, бехи ниҳолҳоро нарм мекарданд. Сару рӯйи ҳама бо докаи сафед печонида шуда. Дока муҳофизатгари хубест, ҳангоми тобистон.

Чун ин суханон гуфта шуданд, ҳама аз кор бозистод. Сайлӣ ҳам коҳилона сар боло карда, ҷониби пиёдароҳ нигоҳкунон араќи пешонияшро бо пушти остин пок намуд. Пиёдароҳ лаб – лаби ҷӯйи калони Шодоб, ки тобистон пуробу зимистон беоб аст, аз деҳа то беморхонаи вилоятӣ тӯл кашидааст. Тахмин ду километр дарозӣ дорад, пиёдароҳ. Сокинони деҳа то истгоҳи беморхонаи вилоятӣ расида, сипас ба воситаи наќлиёти мусофиркаш озими шаҳр мешаванд.

Нигора суханони ҳамкораш Арӯсро шунид. Вале аҳаммийят надод. Бо нозу карашма аз роҳи борики ду тарафашро хору алафҳои гуногун печонда бепарво қадам мезад. Ҳамкорон ҳамагӣ сӣ қадам дур аз вай, бо нигоҳи чашм гуселаш доштанд. Баъзеҳо бо ҳасад.

- Ошиќи биргад, ки ҳаст дилаш хоҳа кор мебароя, нахоҳа не, - хомӯшии чанд лаҳза ба амал омадаро халалдоркунон гуфт Садбарг. – Ҳаќша ќатори мо гирифтан мегира.

Ҳама хандиданд. Ҳатто Сайлии гамгап низ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Алам кунад! – ниҳоя кафид Нигора. – Сунут ягон кас, ки нигоҳ намекуна, талхакаф шидай.

- Чи – ӣ!? Талхакаф шидам? – оташ гирифт Садбарг.

- Ҳова. Талхакаф шидай. И гапора ай алами дилта мегуй.

- Ира бине. Қанчиқ туву мо талхакаф – а? Э, ранги ту дар бағали ҳар кас намедароем – ку?

- Ба даромадану надаромаданум корут чӣ? Тура зур намеоя – ку? Агар дилут кашол боша, зиқ нашав. Барои ту ҳам ягонта меёбам.

- Э, ҷалаб, ҳамара хиёли худут накун! Пагаҳ шут ай Расия биёя, чӣ мега? Зинда ба зинда таги хокут мекуна.

- Корат набоша. Тура таги хок намекуна, ки иқа вангас кунӣ.

- Кори мо, ки набоша дода гаштан гир. Ту номус надорӣ, изо ҳам намекашӣ. Руйи ту ворӣ занак дар гур!

- Руйи ту дар гур! Ана изо! – инро гуфта Нигора ба дунбаи росташ шаппотие заду роҳашро идома дод.

Ҳама аз қафояш ҳайрон менигаристанд. Садбарг дигар чизе нагуфт. Хомӯширо авло донист.

- Хайр, биёе тезтар ҷунбем, ки нормаи имрӯза буд нашуда мемона, - овози Арӯс ҳамаро ба худ овард. – Биргад бе ин ҳам баҳона кофта гаштай, ки захр чакона. Ҳоли дарак ёва, ки маъшуқаша хафа кардем, чанд рузи меҳнатмона хат мезана.

* * *

Мӯйсафеди Нур болои суфаи зери тути дуқӯша нишаста буд. Андешаманд ба оби ҷӯйчаи поёни суфа нигоҳ дошт. Вай мунокишаи деҳқонзанонро баръало шунид. Масофа чандон дур набуд. Анбӯҳи алафҳои шӯраи поёни суфа рӯйида, ӯро аз назарҳо пинҳон мекард.

Вай ба ҳайрат наафтод. Ҳатто Нигораи ба қавли Садбарг бероҳаро дар дил мазаммат накард. Қариб панч



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

сол мешавад, ки шавҳараш ба Русия рафтааст. Пул фиристодан як тараф истад, ақаллан аз худ дараке намедиҳад. Мувофиқи хабарҳои овардаи баъзе ҳамдеҳагон, вай он ҷо зан гирифтааст. Одаму оламро тамоман фаромӯш кардааст. Ва нийяти ба диёри хеш баргаштан надорад.

Натанҳо Нигора, кулли занони ҷавони деҳ имрӯз танҳоянд. Аз ҷумла, сунҳори худи ӯ Сайлӣ. Панҷ моҳ мешавад, ки писараш дар Русия. Вале писари мӯйсафеди Нур ҷавонмарди баномусест. Ҳар моҳ пулу пайғом мефиристад. Дили мӯйсафед аз сунҳораш низ пур. Духтари бошарму ҳаё. Панҷ вақт намозро тарк намекунад. Хусуру хушдоманро чун волидайни хеш эҳтиром месозад.

Мӯйсафеди Нур меандешид, ки агар паҳлуи Нигора шавҳараш мебуд, ҳаргиз ба чунин роҳи бад по намениҳод. Нигоҳубини се кӯдаки хурдсол ва хушдомани барҷомонда бар дӯши ӯст. Ҳангоми Русия рафтани шавҳари Нигора падаршӯяш зиндаву саломат буд. Чун писараш ба Русия рафту ба аҳли оила кумак накард, ба Нигора душвор афтод.

Ба нею нестони сунҳораш нигоҳ накарда, мӯйсафед ба гадоӣ пардохт. Ҳар субҳидам шаҳр рафта як миқдор маблағ ба даст меовард. Бо ин васила ба оила кумак мерасонд. Як сол пеш мӯйсафед оламро падруд гуфт. Ба Нигора ниҳоят душвор гашт. Билохира, ба доми фиреби сарвари бригада Тавқии тортанак афтида монд. Бар ивази хушкомиҳо ба Нигора кумак мерасонад. Ҳақи меҳнаташро дучанд менависад. Аз ҳисоби кумакҳои башардӯстона барояш бештар ҳисса ҷудо месозад.

Ҳоло то андозае рӯзгори осуда дорад Нигора. Маъшуқаи сарвари бригада, ки ҳаст хушаш наояд, гоҳо ба кори саҳро низ намебарояд. Имрӯз худро орову торо дода, ҷониби шаҳр равон гашт.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аз гапу калочаҳои мардум парво надорад Нигора. Муҳиммаш тифлонаш гушна намонанд шуд. Дар гӯр рӯйи шавҳари беномусаш. Боре ҳам волидайн, зану фарзандонро суроғ накард. Ҳатто фавтидани падарашро ба ӯ расонда бошанд ҳам, аз худ дарак надод. Ақаллан пул нафиристод, ки мӯйсафедро гӯру чуб кунанд.

Ҳамааш ба зиммаи Нигора афтод. Бо кумаки ҳамдеҳагон коре карда, мӯйсафедро ба хок супурд. Маъракаҳояшро гузаронд.

Қандаша хӯраду шавҳараш омада сухане гӯяд. Бевафогии занашро дастак карда ҷанҷол бардорад. Нигора чи кор карданашгро медонад. Ба остонаи дар роҳ намедиҳад ин гуна шавҳари хонабезорро. Худаш он ҷо зан гирифта кайфу сафо дорад. Зану фарзанд ба гӯшаи хотираш ҳам намеояд. Пас ҳақ надорад, омада даъво кунад.

Мӯйсафеди Нур болои суфа, зери тути дуқӯша истироҳат дошт. Аз паҳлу шарфаи по ба гӯшаш расид. Рӯ гардонда пираш эшони Саидҳодиро дид. Ҳарчанд  эшон бо ишораи даст аз ҷо бархостанашро манъ кард, вале ба нишони эҳтиром қоматашро рост намуд.

- Духтарҳо чӣ ҷанҷол доштанд? – баъди болои сабзаи лаби ҷӯйча нишастан пурсид эшон.

Мӯйсафеди Нур фаҳмид, ки эшон мунокишаи деҳқонзанонро шунидааст.

- Тақсир, гапҳои занона.

- Гапҳои занона?

- Ҳо, тақсир.

Эшон хандид.

- Ҳамдигарро ҳақорат додан, гапҳои занона аст?

Мӯйсафеди Нур забон хоид, аммо чизе гуфта натавонист. Ҳар ду рӯйи сабза қадре нишастанд. Солиёни дароз ба обмонӣ машғуланд. Чанд саркор иваз гардид.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Вале то ҳол обмонӣ ба зиммаи онҳост. Ҳарчанд ба нафақа баромада бошанд ҳам.

Дар деҳа мардони кордону қобили меҳнат қариб, ки намондаанд. Пайи дарёфти ризқу рӯзӣ аксар озими пойтахт ё берун аз кишвар, хусусан Русия шуданд. Ин аст, ки дар саҳро танҳо занон каланд мезананду халос.

Саркори имрӯза Тавқӣ дар кӯчаи деҳқонӣ кам по ниҳодааст. Тавқӣ парвои кори бригада надорад. Ва касе бо ӯ баробар шуда ҳам наметавонад. Ошнои раис, ки ҳаст хости дилашро мекунад.

Мӯйсафеди Нур ва пираш эшони Саидҳодӣ инро хуб дарк месозанд. То ҷойи имкон ҳаст, мекӯшанд ҳама гуна корҳои нигоҳубини пахтазорро худ саришта намоянд. Ба қитъае, ки обталаб аст, сари вақт об сар медиҳанд. Нармкунии бехи ниҳолҳоро низ худ дастур медиҳанд.

- Обро хабар гирифтӣ? – хомӯшии чанд лаҳза бааммаломадаро ниҳоят халалдор карда пурсид эшон.

- Ҳозир аз ҳамон ҷо омадам.

- Чӣ тавр?

- Дар ҳама ҷӯякҳо об баробар равон аст.

- Ниҳолҳо пажмурда нашудаанд?

- Не. Обро саҳар, дар салқинӣ сар додем. То гарм шудан решаашон об гирифт. Акнун тасфи ҳаво зарар надорад.

- Ҷӯякҳои боқимондаро бегоҳ об мемонем. Баъд шабона як – ду бор омада хабар мегирем. Фонарат вайрон – ку нашудааст?

- Писарам аз Расия як зӯрашро фиристод. Акумулятор дораду аз барқ қувва мегирад. Бемалол чанд шабонарӯз рушноӣ медиҳад.

Онҳо аз ҷо бархоста, қарор доданд оби қитъаро аз нав хабар гиранд.

* * *



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Офтоби моҳи асад ба қиём мерасид. Гармӣ торафт меафзуд. Аз таъсири он деҳқонзанон беҳол шуданд. Ҷаҳд доштанд ҳар чи тезтар ба сари мазраъ бирасанд. Ва хона раванд. Ҷӯякҳои боқимондаро бошад баъди нимрӯзӣ, ҳангоми салқин шудани ҳаво нарм хоҳанд кард.

Дар саргаҳи пиёдароҳ суробе намудор гашт. Вай тақрибан сивупанҷсола, сиёҳҷурдаи чорпаҳлуст. Сару рӯяш арақшор, калавида по мениҳод. Садбарг ҷонибаш нигоҳ афкандy вайро шинохт. Шинохту ба ҳампаҳлуяш овоз дод:

- Арус! Шут ру зад!

- Руй итари шу дар гур! – бо зарда посух дод Арус.

- Чиба и хел мегуй, дугона? – бо даҳони пурханда, маккорона пурсид Садбарг. – Шаво бағалта гарм месоза, бо чи даркор?

- Ай дасти и хел алкаш бало намеоя.

- Нахо – о – од?!

Хандаи баланди Садбарг диққати дигаронро ҳам ба гуфтугӯйи ҳар ду ҷалб кард.

- И хел нагу, дугона, - баъди ханда худро каме ҷиддӣ гирифта гуфт Садбарг. – Шукр кун. Чи хеле ки набоша, дар бартай. Панҷ моҳ мешава, ки лонаҳакум бетурнаҳай. Паҳлавонум нест. Дилум дар ҳақуш гум мезана.

- Набоша ту ҳам дар бағали ягон кас даро, - гӯё маслиҳат дод Арӯс.

Садбарг аз суханони ӯ наранҷид. Танҳо худро ҷиддӣ гирифта бо аломати инкор сар ҷунбонд.

- Худо нигаҳ дора, ай и хели корҳо. Паҳлавонум соку саломат биёя, ай сарум зиёдай. Локин ту, дугона ҳаргиз ношукрӣ накун.

- Ношукрӣ намекунум. Се сол дар кадом гуру лаҳад гашту дасти холӣ хона омад. Ана, ин ҷа зиқ шидаву нийяти ай нав Расия рафтан дора. Барои раҳпулӣ гова бурда фурухт. Ҳаму бегаҳ то хона омад, ки сад ҳазор сумаша бедарак кард. Ошноҳой гирди бучкай пива гирифтан ё гум



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кард, намедонум. Билетгирӣ рафт, ки пулаш нарасид. Нархи билет дар осмон. Ҳоли як ошнош раҳпулӣ ваъдаш кардай. Ҳар руз шаҳр мерава, ай усу пиён миёя.

- Дарди ту ҳам зур, дугона, - оҳкашон гуфт Садбарг. – Худо шут тия, шуй баномусут тия. И хели дарди сара набуданаш беҳ.

- Хайрият, ки Худованд чор бародари баномусум додай. Набоша бо и хел шу худма бо чор кудакум гургой саҳро мехурдан. Ҳар чоруш ҳам дар Расияҳай. Банавбат меояну зану фарзандон, рузгоршуна ай ҳар ҷиҳат тинҷ месозан. Маро ҳам фаромуш намекунан.

- Додарой хуб доштай. Савоби ту, мушти пара, ки мегиран, Худо дар саршон баракат биреза. Лекин ту, дугона пулой, додагишона ба шут нате, ки арақ хурда нагарда.

- Заҳруш метум. Худша букушу нишонуш наметум.

- Ку, як бугуш биёя дар барут каланд бизана.

- И хел гапош занӣ, талхаш мекафа. Дар Расия гашта, шон тоқати гармии инҷара надора. Ҳоли ҷонша гирифта гурехтанист. Ай ин ҷа, ки рафт, зану фарзандо ба гушай хотируш дига намераса. Хуб дилуш, ки хунук шуд, баъд ду даст дар бинӣ гашта меоя.

- Ай афтуш, айби худтай, дугона. Дар вақтуш лаҷомша суст мондӣ.

- Ҳичи суст намондум. Солҳои пеш и хел набуд. Расия рафту ба ҳами дард гирифтор шуд. Дар авлодшун тоқа ба раҳматӣ, амаки Сафархонуш рафтай. Солҳои тинҷӣ ҳоли у ҳами хел буд. Дар куча касера, ки медид бист тин мепурсид. Тангаш, ки медодан, мегуфт «Арвоҳум ай ту розияй».

- Агар хато нашава, шуйи ту ҳам ба амакуш тақлид мекуна. Ҳамита не?

- Ҳова. Гапи дустоштай и ҳам – «Арвоҳум ай ту розияй».

- Ай одамо ку пул намепурса?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Хайрият, ки не. Дар шаҳр ошноҳош бисёрай. Ҳамуно зиёфатуш метиян.

- Э, дугона, ҳами шуй ту ранги амаки Сафархонуш шидай.

- Набоша ранги кӣ мешава?

- Не, ту маъной гапома соз нафаҳмидӣ.

- Чӣ хел?

- Мегуфтан, ки раҳматии Сафархон дар гирди бучкай пива як тоб мехурд, нанушида маст мешуд. Шояд шуй ту ҳам ҳами хел боша? Ё гапом нодурустай?

- Намедонум. Фақат як чиз маълумай, ки ранги амакуш «капчони» шидай.

* * *

Савлатшоҳ роҳравон худ ба худ чизе мегуфт. Гӯё маърӯза мекарда бошад, дасти росташро баробари қафаси сина нигоҳ медошт. Ангушти шаҳодаташ номураттаб, ба оҳистагӣ пасту баланд мешуд.Тугмаҳои болоии куртаи остинҳояш кутоҳ кушода, сари синаи сермӯяшро ба тамошо гузошта буд.

Вай ба деҳқонзанон баробар шуда, баъд онҳоро пайхас кард. Ва дар ҷояш истод. Занҳо ҳам аз кор бозистода, бефарқ ба ӯ менигаристанд. Чанд лаҳза хомӯшӣ ба миён омад.

Дар ҷойи истода Савлатшоҳ вазни баданашро гоҳ ба пойи рост, гоҳ ба пойи чап мепартофт. Ӯ чизе гуфтан хост. Дасташро каме бардошта, ангушти шаҳодаташро рост кард. Нийяти даҳон кушодан дошт, ки ҳикакаш гирифт. Ҳикак заду баданаш ларзид ва мувозинаташро гум кард.

Канори пайроҳа, аз ду ҷониби ҷӯйи Шодоб баробари дигар алафҳои худрӯ ҳар ҷо – ҳар ҷо бутаҳои най қад кашида буд. Савлатшоҳ рӯйи пайроҳа, паси яке аз бутаҳои най қарор дошт. Бута бақувват, навдаҳояш баробари ду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

қади одамӣ дароз. Савлатшоҳро аз нурҳои сӯзони офтоб то андозае паноҳ мекард.

Ҳине ки Савлатшоҳ мувозинаташро гум кард, якбора қафонокӣ рафт. Баданаш болои най афтод. Ба вазни гарон навдаҳо тоб наоварданд. Хам шуданд. Сипас қасар – қусуркунон ба шикастан даромаданд. Пеши назари деҳқонзанон чун оббози аз баландӣ ҷаҳида, Савлатшоҳ сар пойину пойҳояш ба ҳаво хест. Аз болои навдаҳои шикаста, якбора сарозер даруни ҷӯй лағжид. Дар ҷойи афтидааш об боло хест. Ба гӯши деҳқонзанон доду войи Савлатшоҳ ва шалаппоси баланд расид.

Ҷӯйи Шодоб тахминан понздаҳ метр паҳно ва ду метр чуқурӣ дорад. Ҷараёни обаш тез.

- Ваҳ, мемура! - нидо ард Арӯс.

- Чиба мемура? Мардакай, як бало карда мебароя, - гуфт Садбарг.

- Ай дастуш хоки бало намеоя.

Бо аломати тасдиқи суханони Арӯс аз даруни ҷӯй доду фарёди Савлатшоҳ баланд гардид. Ҳамаро ба ёрӣ мехонд. Каландро партофта, деҳқонзанон ҷониби Шодоб дартоз шуданд.

Дарун оби ҷӯй Савлатшоҳ гоҳ боло мешуду гоҳ поин. Суханони Арӯс рост баромад. Вай тамоман оббозӣ карда наметавонист. Ҳини боло шудан танҳо дастак мезаду ҳамаро ба ёрӣ мехонд. Дар гулӯяш об даромада, боз поин мерафт. Чеҳраашро ваҳшат фаро гирифта буд.

Деҳқонзанон чи кор карданашонро намедонистанд. Об тез ҷараён дошт. Касе ҷуръат надошт худро даруни об гирад.

Об Савлатшоҳро поин, ба ҷойи паҳно овард. Ин ҷойи оббозии бачаҳои деҳ ҳисоб меёфт. Дар паҳно об ҷараёни суст ба худ мегирифт.

Аз доду фарёди зиёд, дасту по задан, болову поин шудан ва оби бисёр хӯрдан Савлатшоҳ тамоман бемадор гашт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар ҷойи кушод ва ҷараёни суст яқин ғарқ шуданаш мумкин буд.

Садбарг коре кард, ки ҳамаро ба ҳайрат андохт. Бо либоси тан худро даруни об гирифт. Қулочкашон назди Савлатшоҳи беҳолшуда расиду дод зад:

- Ай миёнум букап!

Ба тани Савлатшоҳ ҷон даромад. Вай ҳушёр гашта, дудаста аз миёни Садбарг сахт оғӯш гирифт. Садбарг ҷониби соҳил дасту по мезаду Савлатшоҳ чун кунда дар миёни ӯ овезон. Ба Садбарг душвор буд. Вале бо оҳистагӣ бошад ҳам, ба канори ҷӯй наздик мешуд.

Деҳқонзанон дасти ҳам гирифта, пешвози Садбарг даруни об даромаданд. Дар пеш Арӯс қариб то қафаси сина дар об меистод. Дасти ӯ ба панҷаҳои Садбарг расид. Дарҳол ҳардуро ба соҳил кашиданд. Савлатшоҳ ҳамоно миёни Садбаргро сахт оғуш гирифта нийяти сар додан надошт.

- Нархара бине, дига ҳуюш намета – йе, - овоз дод яке аз атрофиён. – Ҳамитаре зани худуш боша.

Баъзеҳо хандиданд. Арӯс дастони Савлатшоҳро аз миёни Садбарг раҳо кард. Дигарон аз дастони ӯ гирифта, боло кашида, рӯйи сабзаҳо ба шикам хобонданд.

- Сад – бар – ги чун,.. ар – воҳум ай ту… ро – зияй, - сар боло намуда канда – канда гуфт Савлатшоҳ. – Агар… Расия ра – вум,.. ба тура я – гон либос – вории зур наёрум,.. рум… сиёҳ!

- Э, дамта гир! – шаппотии сахте пушти гардани Савлатшоҳ фаровард Арӯс.

Рӯйи Савлатшоҳ ба сабзаҳо бархӯрду хомӯш гардид. Занҳо пиқ – пиқ хандиданд.

Либоси шип – шилта тари Садбарг ба баданаш часпид. Қафаси синаи пеш баромадааш тез – тез пасту баланд мегашт. Бо кафи даст қатраҳои оби аз рӯяш шоридаро пок карду болои сари Савлатшоҳ омада рост истод.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Акай Савлатшоҳ, то кай и хел мегардӣ? Ба ҷойи ба оилаат ёрдам кардан, корат бадмастӣ. Айб нест?

Савлатшоҳ бо аломати ризо сар ҷунбонд.

- Ай ҳамин руз бас! – гуфт ӯ ва гӯшашро кашида монд. – Агар нушум, кафида мурум.

- Э, рут сиёҳ! – болои сараш дод зад Арӯс. – Пагоҳ боз аҳволат ҳаминай, алкаши худозада!

- Духтаро, ҳаматон шоҳид. Бас, ки гуфтум, бас.

- Бас кун, акай Савлатшоҳ, - насиҳатомез гуфт Садбарг. – Кудак нестӣ – ку…

Чанд нафари дигар суханони ӯро тақвият доданд. Савлатшоҳ рӯйи сабза ҳамоно бо шикам мехобиду гуфтаҳои атрофиёнашро бо сарҷунбонӣ тасдиқ мекард.

- Духтаро, вақти чошт шидай, - ба ҳамкоронаш гуфт Садбарг. – Рафтем хонаҳо. Баъди нимрузӣ давомша чобуқ мекунем.

Садбарг бо пайроҳа сӯйи деҳа роҳ гирифт. Вай либосҳои таршудаашро ҳатто нафишурд. Медонист, ки то деҳа аз таъсири гармӣ либосҳояш хушк хоҳад шуд. Дигарон аз қафои ӯ роҳ гирифтанд. Лаби ҷӯйи Шодоб Арӯс ва Савлатшоҳи ба шикам хобида танҳо монданд.

- Ай ҷот дига нийяти хестан надорӣ – чӣ? – ғур – ғуркунон гуфт Арӯс. – Хез шарманда, хона равем.

- Ҳозир, як лаҳзаи дигар, - сар набардошта посух дод Савлатшоҳ.

Ҳаво торафт метасфид. Шамол андак вазидан дошт. Шамоли гармсел. Нафас гирифтан душвор мегашт. Деҳқонзанон ба канори деҳа расиданд. Арӯсу Савлатшоҳ акнун ба роҳ баромаданд. Пешопеш Арӯс ғур – ғур дошт. Савлатшоҳ бо сари хам хомӯш по мениҳод. Аз мастияш осоре намонда буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БОБИ I

Мӯйсафеди Нур дар олам ба ду кас эътиқод дошт. Аввал ба Худо, дуввум ба пираш эшони Саидҳодӣ. Бештар аз чил сол дар як деҳа ҳамсоядевор зиндагӣ доранд. Мӯйсафеди Нур шастуҳаштсола, аз эшон ду сол калон. Ва аз соле, ки эшонро мешиносад, ӯро бериш надидааст. Хушгуфторӣ, хоксорӣ ва шикастанафсӣ, ин хислатҳои эшон эътиқоди мӯйсафеди Нурро бештар меафзуд.

Эшонро ба тӯю маъракаҳо, дуъохонӣ бисёр мебурданд. Доимо мекӯшид бо дасти холӣ баргардад. Агар маҷбур мекарданд, кам чиз мегирифт. Ва ба ҳамсоягон тақсим мекард.

Зиндагии одиёнае дошт эшон. Манзилаш аз хонаҳои ҳамсоягон фарқе намекард. Бисёриҳо ҳайрон мемонданд, ки эшон ин қадар ҳаводорони зиёд дораду мисли дигар эшону муллоҳо аз имконоти фаровон истифода намебарад. Охир як даҳон кушояд, барояш қасри дакаданг бунёд хоҳанд кард.

Қатори дигарон дар саҳро заҳмат мекашид, эшон. Ин кораш ҳаводоронашро боз ҳам ба ҳайрат меандохт. Онҳо тайёр буданд ӯро болои сар гиранд. Барояш сабукрав харида бидиҳанд. Вай бошад, «имтиёз» - ҳоро пушти по зада, машғули кори деҳқонист. Дар бисоташ як хар дорад, эшон. Ба нею нестони муридонаш нигоҳ накарда, ба бисёр маъракаҳо маҳз бо хараш меравад.

Ва мӯйсафеди Нур бо чунин хислатҳо ба эшони Саидҳодӣ ихлосу эҳтироми зиёд дорад. Рафтору кирдор ва одамгариро аз ӯ омӯхт. Маҳз бо таклифи эшон бинокориро



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

партофта, ба деҳқонӣ машғул аст. Солҳои тӯлонист, ки якҷоя дар саҳро ба пахтазор об мемонанд.

Сину соли ҳар ду ба ҷойе расидааст. Мебоист даври пирӣ ронанд. Вале ин тавр нашуд. Зиндагӣ шарту шароити худро пеш овард. Имрӯз деҳаи Гулистон, ба қавли Садбарг лонаи бетурнаро мемонад. Кор, ки нест қариб ҳамаи ҷавонону ашхоси қобили меҳнат онро тарк гуфта, ба ҳар су парешон шуда рафтанд.

Асосан занону кӯдакон мондаанд дар деҳ. Мӯйсафедон низ камшуморанд. Бемории табларза бисёриҳоро ба хок бурд. Хусусан пирону тифлонро. Аз ин рӯ эшони Саидҳодӣ ва муридаш мӯйсафеди Нур ҳамоно чун солҳои пеш ба кори обмонӣ машғуланд.

* * *

Ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфт. Низоми зиндагӣ ба худ ранги тамоман дигар гирифт.

Шаҳру деҳоти сабзу хуррами Вахшонзамин харобу ба коми оташ фурӯ рафт. Вахшонзаминро чунон оташ фаро гирифт, ки аз баъзе деҳот танҳо деворҳои аз таъсири гармӣ тасфидаву сурхгашта, чун харобаҳои қадими бостоншиносон кашфкарда, боқӣ монду халос.

Мардум бисоти рӯзгор, молу ҳолашонро партофта, танҳо ҷон мераҳонд. Кулли сокинони Гулистон ба самти ҷанубии водӣ гуреза шуд. Гурезаи диёри хеш.

Танҳо як – ду мӯйсафеди барҷомондаи синашон ба ҷойе расида нийяти дар деҳа мондан карданду халос. Қатори онҳо мӯйсафеди Нур ҳам. Вале пираш эшони Саидҳодӣ қатъийян зиди қарори мӯйсафеди Нур баромад.

\- Тақсир ман одами пир, - ба истодани хеш далел пеш овард мӯйсафеди Нур. – Ба кӣ даркор? Худо хоҳад, ягон кас даст намекобад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

- Ин гапи кӯдаконаатро як су мон, - коҳишаш кард эшон. – Барои одамкуш фарқ надорад, ки пирӣ ё ҷавон…

Мӯйсафеди Нур, ки эшонро сахт ҳурмат мекард, дигар гап наёфт. Ночор розӣ шуд. Эшон ду нафари дигарро ҳам ба рафтан талқин кард. Вале онҳо қарори худро дигар накарданд. Гуфтанд, ки дар деҳа мемонанд, вассалом.

Гулистониҳо қариб панҷ моҳ паси симхор, лаби рӯди Панҷ маҷбуран умр ба сар бурданд. Қатори дигарон. Аз тарси ҷон.

Мардуми ба рӯзгори тинҷу осуда одат карда, сахт азоб кашид. Дар фасли сармо

хонаҳои гарму барҳаворо тарк гуфта, даруни заминканҳои сарду нарм бисёриҳо бемор шуданд. Ва оламро тарк гуфтанд. Хусусан пирону кӯдакон.

Пиру мурид ҳам як нафарӣ наберагони хурдсолашонро ба хок супурданд. Умуман, аз ҳисоби мурдагон лаби дарё гӯристони калон доман паҳн кард.

Мардуми хеле ва хеле зиёд қурбонии дасисаҳои мансабпарастону мансабхоҳон шуданд. Хуни даҳҳо, садҳо, ҳазорҳо мардуми бегуноҳ рехт. Ба дасти тоҷик ва дигарон. Ба дигарон гӯё Худо дода бошад, дар қатлу ғорати тоҷик мекӯшиданд намунаи ибрат гарданд.

Ҳине ки силоҳбадастон ба канори симхорҳои марз расиданд, мардум тарки диёри хеш карда, ба кишвари ҳамсояи Афғонистон паноҳ мебурд. Дар фасли сармо рӯди сардро убур кардан, кори саҳл набуд. Бисёр касон ғарқи об шуданд.

Эшони Саидҳодӣ хонаводаашро ба мулки ҳамсоя гусел карду худ аз рафтан худдорӣ намуд. Мӯйсафеди Нур ҳайрон монд. Дар деҳа ба истоданаш монеъ шуду ин ҷо бошад, худ майли рафтан надорад.

Азобу машаққати муддати чанд моҳ ин ҷо кашида эшони Саидҳодиро аз зиндагӣ сахт дилсард намуд. Моҳҳои дароз зери борон монданд. Саломатии эшон бад, ранги



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рӯяш коҳида лоғар гашт. Парвое надошт, ки акнун зинда мемонад ё не.

Мӯйсафеди Нур кампиру писар ва сунҳораш Сайлиро бо ду набера ҳамроҳи

хонаводаи эшон фиристоду худ бо пираш монд. «Ҳарчи шавад, бо ҳам мебинем», аз дил гузаронд ӯ.

Мардуми на он қадар зиёд монд, канори симхорҳо. Силоҳбадастон ба қавли худашон «чистка» гузаронданд. Сипас ба онҳо маслиҳат доданд, ҷойи зисти хеш бираванд.

* * *

Аввалин шуда ба деҳа ҳар ду баргашанд. Пиру мурид. Ҷиҳозашон аз ҷойхобу як – ду зарф иборат буду халос. Лоқу лапари худро ба хар, ягона моли зинда мондаи эшон бор карда, пойи пиёда деҳа омаданд.

Ҳине ки ба деҳа расиданд, айёми фарорасии Наврӯз буд. Табиъат бедор мегашт. Вале дили ҳарду дили мурдаро мемонд. Аз канори деҳ истода, канори дигараш баръало ба чашм мерасид. Ҳама ҷо сӯхтагӣ. Бовариашон намеомад, ки Гулистони сабзу хуррамашон ҳамин харобазор бошад. Натанҳо иморатҳо ба коми оташ рафтанд, балки дарахтон ҳам. Мисли чӯби хушки болои мазор ба чашм мерасиданд, дарахтони сояафкану боровар. Танҳо баъзе дарахтони аз оташ эмин ёфта, ба худ қабои сабз мегирифт.

Ҳар сол гӯё деҳа меҷӯшид, дар ин айём. Пиру барно аз омад – омади Наврӯзи оламафрӯз рӯҳи тоза гирифта, пайи тозаю озода кардани манзилҳои хеш мешуданд. Дар кӯчаҳои деҳ тифлону наврасон гурӯҳ – гурӯҳ гашта, ғазалҳо месуруданд. Ғазалҳои баҳорӣ. Дар фазо ҳам мурғони ҳаво нағмасароӣ мекарданд. Шамоли сабуку форам мевазид. Бӯйи гулу пудинаҳои наврустаи лаби ҷӯйборҳоро ба димоғ мерасонд. Хулоса Гулистонро қабои сабз оғӯш мегирифт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Имсол чӣ? Деҳи вайрона макони чуғзро memонд. Ҳатто мурғони ҳаво аз Гулистон ҳазар мекарданд. Мекӯшиданд ба фазои деҳ наздик нашаванд. Шамол мевазид. Вале ба машом бӯйи нофораму дил бечокунандаи хонаҳою дарахтони сӯхта мерасид.

Канори деҳ пиру мурид хуб гиристанд. Талх гиристанд. Навҳакунон гиристанд. Ба ҳоли деҳ ва хеш.

Ба ҷуз каҳдони фарсудаву болояш хокпӯши мӯйсафеди Нур ва масҷиди бомаш канда, дигар бинои мувофиқ барои зист ёфт нашуд. Каҳдон аз дигар биноҳо каме дур сохта шуда буд. Дар атрофаш дарахт ҳам намерӯид. Шояд бо ҳамин ҷиҳат аз оташ эмин ёфт. Тахтаву шиферҳои боми масҷидро ба яғмо бурданд. Дару тирезаҳояшро низ. Вале ба оташ задан ҷуръат накарданд. Баъди қатлу ғоратҳо шояд дар лаҳзаи охир Худованд ба ёдашон расиду аз ғазабаш тарсиданд.

Қарор доданд, каҳдони кӯҳнаро ба ҷойи истиқомат табдил диҳанд. Лой хобонда, даруну берунашро андова ва барои зист мувофиқ карданд. Чун ҷойи зист муҳайё гашт, кори баъдинаашон сари заминҳои пахта рафтан буд. Рафтанду дуд аз димоғи ҳарду баромад. Ҳосили ночида ба замин рехта, талаф меёфт. Айёми кишт кори нав фаро мерасид. Вале замин аз пояҳои ғӯза тоза нест. Дилашон ба ҳосили ночида, заминҳои бекорхобидаи бесоҳиб сӯхт. Лек аз дасташон коре намеомад. Айни ҳол вазъи худашон ҳам чандон хуб набуд. Хӯрокаи дуруст надоштанд.

Ҳангоми гурезогурез танҳо ду мӯйсафед деҳаро тарк накард. Бозгашти пиру муридро се – чор рӯз шуда бошад ҳам, аз худ дарак намедоданд. Қарор доданд, онҳоро ҷустуҷӯ намоянд. Ҷустуҷӯ дер давом накард. Ба ҳавлии харобгаштаи нафаре даромада, дохили ҳота теппачае диданд. Онро кофтанду соҳиби хонаро ёфтанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бобои Зиёро парронда, дар ҳота зери хок карданд. Эшони Саидҳодӣ ва мӯйсафеди Нур ба ҳаминаш ҳам шукр гуфтанд. Агар таги хок намекарданд, тӯъмаи сагони дайдую мурғони лошахӯр мегашт.

Қисмати шуму бадтаре бобои Абдувалиро нигарон будааст. Ӯро дохили чордевори манзили сӯхтааш дарёфт карданд. Болои кати хоб баста, якҷоя бо хона оташ заданд. Аз ҷисмаш танҳо хокистар боқӣ монду халос.

Хостанд дар як гӯшаи холии гӯристони деҳ барояшон манзили охират кобанд. Вале барои гӯркобӣ ягон олот ёфт нашуд. Бо шишапораҳо барои ҳарду бо азобе гӯр карданд. Гӯри белаҳад. Ғоратгарон то тавонистанд молу ҷиҳози мардумро ба яғмо бурданд. Сипас деҳаро оташ заданд. Ду нафар мӯйсафедро, ки шоҳиди зиндаи сиёҳкориҳояшон буданд, ба қатл расонданд.

Аз байн чанд рӯз гузашт. Ба Гулистон сокинонаш бозпас меомаданд. Асосан пирон, занону кӯдакон. Ҷавонон ҷуръат надоштанд. Зеро чун маълум гашт, ки деҳа аз нав эҳё мегардад, силоҳбадастон тез – тез пайдо мешуданд. Ҷавононро дарёфта латукӯб мекарданд. Бурда ғуломвор кор мефармуданд.

Мардуми бозомада аввал дар масҷид ҷо гирифт. Ба ёрӣ созмонҳои байналмилалӣ расида, ба мардум масолеҳи бинокорӣ тақдим карданд. Бунёди деҳ бо усули ҳашар сурат гирифт. Шакли нав ба худ мегирифт, Гулистон. Дубора обод мегашт.

Дар деҳа аз ҳама беш тифлон шодӣ доштанд. Муддати тӯлонӣ даруни заминканҳои пурнаму сард хурдакакон сахт азоб кашиданд. Акнун, ки ҳама азобҳо пушти сар шуд, шодӣ доштанд, онҳо. Парвои вайронию харобиҳо надоштанд. Тифл тифл аст. Дили ӯ пок ва он ҷо чун калонсолон барои ташвишҳои ҳаёт ҷой нест. Умуман манзили одамиро бе овозу хандаи тифлон тасаввур кардан



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нашояд. Гулистониҳоро маҳз  овози шодонаи тифлон ба зиндагӣ беш дилгарм мекард. Ғаму андӯҳашонро мерабуд.

Ба пиру мурид ҳам чӯбу тахта доданд.  Ҳамдеҳагон мадад карданду девор бардоштанд. Хонаҳоро бомпӯш намуданд. Дар ҷойи манзилҳои харобгашта ду ҳуҷрагӣ бо пешайвон бино ёфт.  Орзуи ягонаи ҳар ду  акнун бозгашти зану фарзандон аз кишвари ҳамсоя буд. Дар интизорӣ рӯз мешумурданд…

***

Силоҳбадастон рӯзе ба деҳа омада эшони Саидҳодиро ба маркази ноҳия гирифта бурданд. Бо баҳонаи митингбозӣ. Эшони Саидҳодӣ ҳеҷ гоҳ  бо сиёсатбозон, мансабхоҳону митингбозон алоқае надошт. Марде буд худотарсу парҳезгор.  Вале он шабу рӯз кам ҳолат  рух медод, ки қилро аз хамир касе ҷудо созад.  Барои ашхоси бомаърифати роҳи Илоҳӣ гӯё аз нав солҳои сиюми асри гузаштаи даврони шӯравӣ эҳё гашт.

Бисёриҳоро ҳатто барои донистани  алифбои арабӣ аз миён бардоштанд. Кулли ҷавонону миёнсолон риш тарошиданд. Аз тарси ҷон, ҳатто як қисм мйсафедон ҳам.

Чун эшонро гирифта бурданд, ҷон аз дасту пойи мӯйсафеди Нур баромад. Субҳи дигар ҷониби маркази ноҳия роҳ гирифт. Парвои он надошт, ки худи ӯ  мумкин кушта шавад. Назди идораи милиса силоҳбадастони либоси алобуло пӯшида, хеле зиёд ба назар мерасид. Ягон нафар либоси милисагӣ надошт.  Гӯё ин ҷо қисми низомӣ бошад.  Мӯйсафеди Нурро дида, сӯяш ало – ало нигоҳ афканданд. Аммо кордор нашуданд.

Илоҷе карда худро даруни милисахона гирифт.  Назди сардори милисаҳо даромад.  Сардор бо дили нохоҳам бошад ҳам, ӯро гӯш кард. Мӯйсафеди Нур боре дар умраш ин қадар  зориву тавалло накарда буд, чун имрӯз. Сардори



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

милисаҳо ваъда дод, ки бегуноҳии эшон исбот шавад, ӯро ҳатман озод хоҳанд кард.  Баъди чор рӯз озод гашт. Шодии мӯйсафеди Нур интиҳо надошт.

Ба деҳа роҳбарони нав омаданд. Собиқ хоҷагии калону овозадор ба се қисм тақсим гардид. Ба ҳар се хоҷагии хурди навташкил силоҳбадастон роҳбар таъин шуданд. Мавсими киштукор фаро расида буд. Онҳо мардумро ба маъракаи киштукор даъват карданд. Даъвати роҳбаронро сокинони деҳ бо хушнудӣ пазируфтанд.

Хонаводаи эшони Саидҳодӣ ва мӯйсафеди Нур танҳо тирамоҳ ба деҳа баргаштанд. Ҳамроҳи сокинони боқимонда. Ба Гулистон ҳамагӣ ду – се оила наомад. Куҷо будани онҳоро касе намедонист.  Гӯё аз Афғонистон ба Покистон, Эрон  ва ё кишварҳои арабӣ гузаштаанд.

Дар ибитидо созмонҳои байналмилалӣ чун қатори дигар сокинони гурезаи Вахшонзамин ба бошандагони Гулистон ёрии башардӯстона мерасонданд. Хеле зиёд. Умуман, зиндагии мардум аз ҳисоби ёрии ҳамин созмонҳо  сурат мегирифт. Ва, ҳангоме ки дар деҳоти Вахшонзамин бемории табларза шиддати ниҳоят зиёд дошт, маҳз ёриву дастгирии ин созмонҳо боъис гашт, ки хурӯҷи он то ҳади нестӣ оварда шавад.

Ҳама гуна кор андозаву вусъати муайян дорад. Созмонҳои байналмилалӣ ҳам имкон надоштанд, ки то вақти дилхоҳ ба мардуми ҷабрдида ёрӣ расонанд. Ноаён кӯмак кам шудан гирифт.  Дар кишвар бошад, батадриҷ сулҳ барқарор мегашт.  Ва мардум мебоист сарҳисоби зиндагияшро худ меёфт.  Вале бӯҳрони шадиди иқтисодӣ кишварро фаро гирифт. Гӯё имкони раҳоӣ аз он набошад. Бекориву нодорӣ мардумро маҷбур сохт, ки пайи дарёфти ризқу рӯзӣ тарки макони зист намоянд.

Қатори дигарон бошандагони Гулистон ҳам оҳиста – оҳиста  аз деҳа берун мешуданд. Қисме манзилҳоро ба ихтиёри волидон ё ҳамсояҳо вогузошта, бо зану фарзандон



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

озими пйтахт шуданд. Он ҷо рӯз осонтар мегузашт. Хобгоҳҳои донишҷӯён ба манзилҳои иҷорашинон табдил ёфт. Аз навоҳии водиҳои Вахшу Кӯлоб ва тобеъи марказ гурӯҳ – гурӯҳ мардум ба пойтахт кӯч мебаст. Пойтахт гӯё ба як деҳаи калон табдил ёфта бошад, аҳолияш хеле зиёд гашт. Ба хотири рӯзгузаронӣ деҳотиён ба ҳар гуна корҳо даст мезаданд. Мардикорӣ, аробакашӣ, бозоршинӣ ва ғайраву ҳоказо корҳоро ба ҷо меоварданд. Хобгоҳҳо натанҳо макони зисти иҷорашинон, балки ҷойи таъомпазӣ шуда монд. Занону духтарон чалпаку санбуса, каллаю поча, шикамбаи чорво ва дигар хӯрокҳо пухта, дар кӯчаву бозорҳо ба савдо мезад.

Қисми зиёди мардум ҳам деҳотиёну ҳам шаҳриён озими кишварҳои дигар шуданд. Хусусан, ба Русия. Бисёр деҳотиён он ҷо пул кор карда, сипас дар пойтахт манзил хариданд. Аҳли байтро ба шаҳр гирифта оварданд. Ба қавле, шаҳрӣ шуданд.

Кӯчаву манзилҳои замоне руснишин ва комодаму хомӯш имрӯз шабеҳи боғчаи бачагон аст. Тифлакону наврасонро гӯё дар кӯча рехта бошанд, рӯз то бегоҳ шавқункунон касро ором намегузоранд. Ва мардум ҳам ба ин одат кардаанд. Ҳамин тавр, мардуми тоҷик саъй дорад, ба ҳар роҳу восита зиндагияшро пеш барад. Ба ҳама душвориҳо тоб меорад. Танҳо ба як хотир. Ба хотири рӯзгузаронӣ.

***

Мӯйсафеди Нур як писар дошту се духтар. Соҳиби шавҳару фарзандон ва рӯзгори алоҳидаанд, духтарҳо.

Бахтиёр, писари мӯйсафеди Нур яке аз ҷавонони бомаърифати деҳ ба ҳисоб меравад. Донишкадаи омӯзгориро хатм карда, ба зодгоҳаш баргашт. Аз фани адабиёт ва забони модарӣ дарс мегуфт ба шогирдон. Дониши хубу маҳорати роҳбарияшро ба инобат гирифта,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз ҷониби шӯъбаи маорифи ноҳия сарвари мактаби деҳа таъйин шуд. Пайваста мекӯшид, насли наврас дар рӯҳияи ватанпарвариву миллатшиносӣ тарбия ёбад.

Баъди ҷанги шаҳрвандӣ ба деҳа баргашта, боз ба кори таълиму тарбия пардохт. Хона ба хона баргашта тифлону наврасонро ба мактаб хонд. Бо илоҷе омӯзгоронро гирд оварда, мактабро тармим кард. Ва таълимро ба роҳ монд.

Эшони Саидҳодӣ чор писар дошт. Ба деҳа ҳамроҳи Бахтиёр, писари хурдияш Мирҳодӣ низ баргашт. Вай ҳамсоли Бахтиёр аст. Ҳар ду бо ҳам дӯсти қаринанд. Дар мактаби деҳ вазифаи мудири хоҷагиро ба дӯш дошт.

Ҳангоми гурезагӣ ду писари калонии эшон ба водии Рашт, мулки Ҳоит фирор карданд. Назди тағоҳояшон. Ҷойи хушобу ҳавои ин мулк ба ҳар ду писанд афтод. Он ҷоро макони зисти доимӣ интихоб намуданд. Ба воситаи шиносҳо ба падар муроҷиат карда, гуфтанд, ки аз ин амалашон хафа нашавад.

Хабари сиҳату саломат будани фарзандонро шунида, эшон бағоят хушнуд гашт. Зеро бисёр гурезагон ба мулкҳои бобоӣ фирор карда, дар он ҷо аз дасти силоҳбадастон ба қатл расиданд.

Писари саввуми эшон бошад, ҳангоми бозгашт аз Афғонистон яке аз навоҳии назди сарҳадиро ҷойи истиқомат интихоб кард. Дар ҳамсоягии чанд тан аз хешовандон. Ҳамин тавр, ҳамроҳи эшон писари хурдияш Мирҳодӣ монд. Мирҳодӣ ҳамроҳи Бахтиёр аз нав ба кори таълиму тарбия пардохт. Аз сабаби нарасидани омӯзгорон Мирҳодӣ худ баъзе дарсҳоро мегузаронд.

Зиндагӣ ба ҷойи беҳбудӣ торафт бад шудан гирифт. Маъоши ночизи омӯзгор барои рӯзгор намерасид. Ва он ҳам сари вақт дода намешуд.

Бахтиёру Мирҳодӣ қарор доданд, қатори дигарон Русия бираванд. Вале намехостанд мактаб бе омӯзгор монад. Зеро аллакай бисёр омӯзгорон мактабро партофта, ба ҳар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

су парешон шуданд. Бо илоҷе чанд нафар омӯзгори ба нафақа баромадаро аз деҳоти атроф ба мактаб бозхонданд. Ҳамчунин як гурӯҳ шогирдони дирӯза ба кори таълим фаро гирифта шуд. Аз ҳисоби духтарон. Пасон ҳангоми навбаҳорон ба сафар баромаданд.

Мӯйсафеди Нур бо кампир, сунҳораш Сайлӣ ва ду набераааш монд. Эшони Саидҳодӣ бошад, бо зану сунҳораш Ойиша ва се набера.

Аз рафтани Бахтиёру Мирҳодӣ чанд моҳ сипарӣ гашт. Дар ин байн ба воситаи шиносҳо паёму пул фиристоданд, барои волидон ва зану фарзандон.

Давраи нигоҳубини ниҳолҳои пахта фаро расид. Пиру мурид ба обмонӣ машғул буданд. Сунҳорҳояшон Сайливу Ойиша қатори дигар занон ниҳолҳоро нигоҳубин мекарданд.

* * *

Тавқӣ имрӯз бахти хешро месанҷид. Худо кунаду кораш барор гирад, худро дар осмони ҳафтум ҳис мекард.

Кайҳост дар дил меҳри Сайлиро мепарварад. Меҳр не, дақиқтараш аз ӯ коми дил ҳосил кардан. Ҷавонзани резапайкари сафедруву мижгондароз ва камгапу ботамкин дилашро беқарор намуда буд. Панҷ моҳ аст, ки шавҳараш нест. Наход ба ҷавонзани танҳо бағали мард нафорад? Тавқӣ гумон дошт, ки Сайлӣ ҳатман бояд мардхоҳ шуда бошад.

Ҳамчунин ба сунҳори эшон - Ойиша чашм ало дошт. Вале метарсид. Рафту сираш ошкор шавад ва эшон дуъои бад кунад, кор тамом. Ба ягон балои азим гирифтор шуданаш мумкин.

Тавқӣ фарзанди ягона буд. Падару модари пир дошт. Баъди адои хизмати аскарӣ колхозчӣ шуда кор мекард. Рӯзгори фақиронае доштанд. Нодор, ки буд, аз деҳаи



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ҳамсоя духтари сиёҳчурдаи пакана Гулбонро барояш арӯс карданд.

Баъди ҷанги шаҳрвандӣ деҳа баргашта, бо роҳбарони имрӯза ошноӣ пайдо кард. Ошноияш ба воситаи нӯшонӯшӣ сурат гирифт. Ҳар дафъаи деҳа омадан роҳбарон дар гӯшае ташкилӣ меоростанд. Шаробро худ меоварданду ба сокинони деҳ хӯрок мефармуданд. Касе ба нӯшонӯшии онҳо шарик намегашт. Ба ҷуз Тавқӣ. Бо вай ошноӣ пайдо карданду сарвари бригадаи деҳ таъйинаш намуданд.

Ба сағираи камбағал, ки дирӯз касе сӯяш нигоҳ намекард, имрӯз Худо дод. Буҷулаш асп хест. Рафтору кирдораш тағйир ёфт. Акнун вай сӯйи касе нигоҳ намекунад. Пушту паноҳаш бошад, роҳбарони хоҷагӣ. Ва кӣ ғайрат дорад, бо ӯ сарбасар шавад?

Ба деҳа кумакҳои башардӯстона чанд фосила пас меомад. Тавқӣ онро мувофиқи салоҳдиди хеш тақсим мекард. Як қисмашро ба мардум медоду боқимондаро ба воситаи шиносҳо дар бозор ба савдо мезад. Зиндагияш серу пур, хонаи дакаданг ҳам сохт.

Чун доро шуд, қарор дод занашро иваз кунад. Бо гардиши фалак имрӯз ҳама ҷо пур аз духтарони ба қадрасида. Ҳама бо чашми чор, дар интизори домод. Бисёр оилаҳо ба як халта гандум зор. Агар домоди доро ёбанд, корҳо ванг. Ба воситаи ӯ аз мӯҳтоҷи халос хоҳанд ёфт. Ҳамин гуна домод имрӯз Тавқист.

Вале ба бахти шумаш чун корхонаи нав ба кор даромада, Гулбон зоиданро сар кард. Ҳатто ду маротиба дугоник. Фарзандон сади нийяташ шуданд. Ба ҳар ҳол вай роҳи дигарро ёфт. Деҳа пур аз ҷавонзанони танҳо монда. Гирдашон тор танида, чанде аз онҳоро ба доми худ андохт. Аз ҷумла, Нигораро. Ва ба худ лақаби Тортанакро гирифт.

Аз ишқварзии онҳо бисёриҳо бохабаранд. Аммо тавре вонамуд месозанд, ки гӯё чизеро намедонанд. Ва танҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

чанд рӯз пеш, ҳангоми шаҳр рафтани Нигора, ба ӯ Садбарг таъна зад. Тавқӣ бошад, пайи ба дом афтондани дигар аст. Ишқи нав меҷӯяд ӯ.

Ҳаво ҳанӯз натасфида буд. Деҳқонзанон машғули нармкунии бехи ниҳолҳо. Тавқӣ ба он қитъа гузашту боварияш наомад. Сайлӣ аз ҳамкорон қариб чил қадам қафо каланд мезад. Аз шодӣ лабони Тавқӣ ба ҳам намерасид. Аз ин дида фурсати қулай ёфтан багумон. Эшони Саидҳодӣ ва мӯйсафеди Нур дар қитъаи дигар машғули обмонӣ. Хеле дур, суробашон базӯр менамуд.

Дарҳол худро даруни пахтазор гирифт, Тавқӣ. Кори аҳли бригадаро гӯё месанҷида бошад, даруни ҷӯякҳо ин тарафу он тарафро назоракунон, оҳиста – оҳиста ба Сайлӣ наздик шудан мегирифт. Каме болотар аз Сайлӣ дастаи каланде менамуд. Тавқӣ аҳаммият надод ба он. Ёду ҳушаш побанди Сайлӣ.

Ноаён ба ҷавонзан наздик шуда сурфида монд. Вале Сайлӣ сӯяш нигоҳе накард. Ҳамоно бехи ниҳолҳоро тафтишкунон гап партофтан гирифт. Ба тортанӣ даромад.

- Мегум, чи хелӣ ? – сухан оғоз кард ӯ. – Корот созай? Ай дугонаҳот қафо мондӣ – ку?

Тавқӣ аз ҳар бо сухан гуфта, асли мақсадро ҳоло баён надошт. Мехост ҷавонзанро ба гап андохта, риштаи суханро ба маҷрои лозима дарорад. Вале Сайлӣ ҳеҷ не ки ба сухан дарояд. Гӯё ба даҳонаш об гирифта бошад. Хомӯш меистод, Сайлӣ.

Бетоқатӣ дошт Тавқӣ. Бори аввал аст, ки ба суханонаш эътибор намедиҳанд. Тамоми ҳунарашро ба кор бурда истодааст. Аммо бенатиҷа.

- Сайлихон, мегум гунг – ку нашуда бошӣ? – ранҷидаомез пурсид ӯ. – Чанд минут пак – пак доруму ту хомӯшӣ. Ё намефорат, ки дар пешут бошум? Набоша як даҳан гап зан, меравум. Лекин гӯш кун, ин бегоҳ ними шав, дар поёни ҳотатон нигоҳ карда меистум. Фаҳмидӣ?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Албатта, боройӣ. Хайр, хомӯш наист. Ақаллан сарта ҷунбон. Қурбони қади навниҳолут шавум…

Аз санг садо буду аз Сайлӣ не. Вай хомӯшона каланд мезад. Тавқӣ худро каме қафо гирифта, ба тафтиши ҷӯякҳои нармкардааш пардохт. Наздик шуда, оҳиста ронашро даст гирифт.

Гӯё чараёни барқ Сайлиро зада бошад, якбора пеш ҷаҳид. Каландро болои сараш бардошта, ҷониби Тавқӣ баргашт.

- Гум шав, ай назарум! – бо овози на он қадар баланд, лек пур аз кинаву нафрат ҷониби Тавқӣ дод зад вай. – Фосиқи ҳаромӣ! Ай заной мардум мефорат?! Г…шона хӯрда гард!

Тавқӣ ҳеҷ гумон надошт, ки чунин ҷавоб мешунавад. Бори аввал тираш ба ҳадаф нарасид. Лаҳзае гаранг шуда монд. Ба ҳар ҳол худро ба даст гирифт.

- Э, занаки аҳмақ, ба фоидаи худут гап мезанум. Дигаро ба як кило орд зоран. Хонат пур ай хӯрданӣ мешава. Ранги шоҳдухтар зиндагӣ мекунӣ.

- Ордут ай сарут мона. Дафъ шав ай инҷа!

Тавқӣ дигар чизе нагуфт. Пас гашту дашноми қабеҳе дод. Тафтиши пахтазор ҳам поён ёфт. Дилаш мехост ҳар чи зудтар аз ин ҷо дур шавад.

* * *

- Духтаро, нигоҳ куне, Тортанаки худозада гирди Сайлӣ тор метана, - Садбарг лаҳзае нафас рост карда, қафо нигарист. – Нарқози гурсухта, дилуш ай Нигора мондай – чӣ?

- Кори кардагимона тафтиш дора, - посух дод Арӯс.- Нигоҳ кун, бехи ниҳолора ай назар мегузарона.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Э, морай, мефаҳмӣ, мор, - паст намеомад Садбарг. – Кай парвои пахта дора. Дар саруш фақат як фикрай. Дили ягон каса ёваву дар бағалуш дароя.

Арӯс китф дарҳам кашид ва чизе нагуфт.

- Хайр, ягон бор тарафут гаппартоӣ накард? – пурсид аз ӯ Садбарг.

- Кард. Чанд бор.

- Ана дидӣ. И фосиқ коруш фақат занакбозӣ. Ку, ростша бугу,туро ҳам ай раҳ зад?

- Маро?

- Ҳова. Заданӣ буд. Лекин…

- Натонист?

- Неъ, натонист. Ҳами кетмани дастма гирифтуму хостум ба саруш якта фарорум. Саги дайдуи шаттахурда ворӣ гурехт. Ай тарси ҷонша.

Аз суханони Арӯс ҳамкорон базавқ хандиданд.

- Ту ҳам бало будай, дугона, - баъди ханда гуфт Садбарг. – Тортанака талхакаф кардӣ.

- Апай Садбарг, ростша бугу, ба ту ҳам гап партофт ё не? - пурсид Ойиша.

- Худо худуш медонаву лекин ба фикрум байни мо касе наст, ки Тортанак ура фикри ай раҳ задан накарда боша.

- Хайр, баъд ту чӣ кор кардӣ? – бекаророна боз пурсид Ойиша. – Ту ҳам кетман бардоштӣ?

- Чува кетман мабардорум? Як гапи коғазпечуш гуфтум, ки ба хиёлум ҳозир ҳам ба ёдуш раса, кайф мекуна.

- Ку, мо ҳам бишнавем гапой коғазпечта.

- Шумо ҳам кайф кардан мехоҳед?

- Агар махфӣ набоша.

- Ягон ҷой махфӣ нест. Як – ду бор хирагӣ кард. Гуфтум, ки дамта бигир. Гапома гуш накард. Дидум, ки намешава гуфтум, хоҳӣ ай ту бошум як кор мекунӣ. Як кор не, сад кор мекунум, гуфт ай шодира. Шаво шуй паҳлавонма сер



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

карда наметонум. Як шав дар бағалуш зани паканата биёр дарору шави дувум худута. Баъд ҳисоб кун, ки ай туюм

Ғиреви ханда ба ҳаво печид.

- Ана, ҳамин хел, дугонаҳои чун. Тортанак сурх шуд, сияҳ шуд. Дамша гирифт. То ҳозира хомушай.

- Қандата зан, апай Садбарг. Хуб бобуш кардӣ.

- Боб ай и дига зиёд мешава? Агар одам боша, то охири умраша дига набояд гап зана.

Онҳо гуфтугузоркунон ба охири қитъа расиданд. Муддате сари замин нафас рост карда, қарор доданд, сари ҷӯяки Сайлии қафомондаро бигиранд. Ин лаҳза дар поён, аз миёни тутзорони лаби ҷӯй, аз қитъаи дигар Нигора ба пешвози Тавқӣ баромада монд.

- Ана, ошуқу маъшуқ ба ҳам дидор диданд., - гуфт Арӯс. – Ҷой свиданияшон зур, пеши назари ҳама. Барои ҳамин Нигора худаша қафо гирифт.

- Ба фикрум ин хел набояд боша, - ба суханони Арӯс эътирозомез гуфт Ойиша. – Шояд барои қазои ҳоҷат қитъаи дигар гузашт.

- И гапа ай худуш пурс, - луқма партофт Садбарг.

- Биёя мепурсум.

- Наметарсӣ?

- Чиба тарсум?

- Дар сарут борони ҳақорат нареза?

- Нигора ҳеҷ гоҳ Ойишара ҳақорат намета, - ба гап ҳамроҳ шуд Моҳинав, деҳқонзани ҳанӯз ба шавҳар набаромада. – Эшондухтар, ки ҳаст эҳтиромуш мекуна. Дига ин ки Ойиша ягон бор ранги ту ба Нигора чаққа нашидай.

- О, маҳмаддоное! Ба фикрут, ба у худозадаи бераҳа чаққа мешавум? Чаққа не, гапи ҳақа мегумуш. Дигаро ворӣ инсон шава, чаққа усу мона, қатиш баланд гап намезанум.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чанд нафар паси ҳам, аз якдигар каме дуртар ба сари ҷӯяки Сайлӣ даромаданд.

- Апай Садбарг, чӣ мешава сари ҷуяки Нигорара ҳам бигирем? – пурсид Ойиша.

- Дилут ба ҳаму бераҳа месуза?

- Охи у ҳам шарики мо ҳай – ку? Кӣ медона, шояд зиндагӣ маҷбуруш карда боша…

- Чӣ, зиндагии як у тоқа душворай? Ё фақат шуйи у дар Расияҳай? Шуҳои мо ҳам дар мардикориян. Тоқат карда гаштем. Ваям тоқат куна, ягон балош намезана.

- Хайр, апай Садбарг, биё мон и гапора. Хубуш, биё сари ҷуякша мегирему баъд камтар насиҳаташ мекунем.Шояд дар роҳ дароя.

- Ёрдам боша, ёрдам. Лекин Худо медона дар раҳ даромаданаша.

Гурӯҳи дигари деҳқонзанон сари ҷӯяки Нигора омада, ба каландзанӣ даромаданд.

- Ҳа, хапаки таги тапак, ку гап зан, Тортанак чиҳо гуфт? – ҳамкорон ҷӯяки Сайлиро тамом намуда, шӯхиомез аз ӯ пурсиданд.

Сайлӣ дар ҷавоб лабханде кард, шармида сар поин намуд. Садбарг ба ҷону ҳолаш намонд. Ноилоҷ воқеъаи рухдодаро нақл кард.

- Офарин, ҷони апа, хуб бобуш кардӣ, - ба китфи Сайлӣ тап – тапзанон гуфт Садбарг. – Ҳар яки мо бояд ана ҳамин хел боша. Фирефтаи гапой шакардори и маккор шидан лозим нест.

Ҳама ба сари ҷӯяки Нигора даромаданд. Қарор доданд ҷӯяки ӯро ҳам нарм карда, баъд аз сари мазраъ баробар ҷӯяк мегиранд.

* * *



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Вақте Нигора аз паси дарахтони тути канори ҷӯйча, аз қитъаи дигар ин тараф гузашт, рӯ ба рӯяш Тавқӣ баромада монд.

- Ҳм – м, хуб лулигиву ҷугигӣ кардиву ҷодут таъсир накард?

- Эъ, ин ҷа ту чӣ мековӣ? – худро гум кард саркор.

Тавқӣ фаҳмид, ки ҳама гапҳои миёни ӯву Сайлӣ раду бадал шударо шунидааст Нигора. Беқарор шуд.Чӣ ҷавоб доданашро надонист. Ва суханони боло, беихтиёр аз даҳонаш баромада монд.

- Чи мековум!? – гуфт бо зарда Нигора. – Ҳу, дар пушти туто қаври тура се қабат канда тайёр мондум. Марҳамат, рафта даро, ай болот хока мегардонуму халос.

- Биё, ҷони ширин, мон и гапора. Беҳуда одама зиқ накун.

- Зиқ мекунум? Ҳама тамом шуд, акнун навбати Сайлӣ?

- Э – э, ту ҳам девори намкаш нашав. Вая фақат шухӣ кардум.

- Рувот сиёҳ шухикун. Дар даҳанут туф накард, набоша хоки поша мелесидӣ.

- Ҳазрати Хоҷамастон занад, ки ягон гапи беҷо нагуфтум. Камтар ҳазл кардаму халос.

- Кошки ҳазрати Хоҷамастон мезадут, ки дига ай ҷот намеҷунбидӣ.

- Оббо, аҷаб занаки ганда будай. Ҳами, мегум гандайӣ, ки дига шут суроғут надора.

- Рост гандаюм. Гандаюм, ки суни ту нигоҳ мекунум. Дигаро бошан, дар даҳанут м…зан!

- Ҳой аҳмақ! Ба даҳонут нигоҳ карда гап зан!

- Ба даҳонум нигоҳ карда гап занум? Майлаш, лекин дига дар назарум нанамо.

- Биё, ҷонакум и гапҳоро мон. Шав нигоҳ карда ист, пешут меойум.

- Ай рангу раҳматут безорум, фаҳмидӣ?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

- Не, нафаҳмидум. Нигоҳ карда ист.

- Зур бошӣ, меойӣ. Барфака сар метум, дар пустут каҳ ҷо мекуна.

Тавқӣ медонист, ки Барфак саги газандаест. Ҳаро боре ки пеши Нигора меомад, ӯ сагро дар саройхона маҳкам мекард. Агар кушода рӯйи ҳавлӣ бошад, ҳаргиз ғайрати ба он ҷо наздик шудан надошт. Дар як лаҳза хойида партофтанаш мумкин.

Нигора бо Тавқӣ дар гуфтугӯ буд. Аз дур ба сари ҷӯякаш каландзании ҳамкоронро дида монд. Қариб ҳама аз ӯ ор мекарданд. Имрӯз бошад кӯмакаш доранд. Суханони Тавқӣ дигар ба гӯшаш надаромад. Каландро гирифта ба кор сар кард. Агар ҳамкорон минбаъд бо ӯ муносибати хуш намоянд, сӯйи Тавқӣ ҳаргиз нигоҳ нахоҳад кард.

Пешопеш Садбарг каланд мезад. Нигора аз ӯ ҳарос дошт. Ҳарчанд худро бепарво нишон медоду бо вай ҳар гуна сухан раду бадал мекард.

Садбарг аз дигарон се – чор сол калону пайкари бақувват дошт. Шаттоҳ буд. Вале касеро беҳуда намеранҷонд. Ҳамкорон ҳурматаш мекарданд. Нигора худро маъшуқаи саркор ҳисобида, дигаронро он қадар писанд намекард. Садбаргро ҳам. Бо ин кораш худро дар назди ҳама шумрӯ менамуд. Садбарг бошад, чашми диданаш надошт. Пайваста гули сари сабади суханрониҳо ҳисоб меёфт.

Имрӯз ҳамкоронро сари ҷӯякаш дида ҳайрон монд. Дасту по хӯрд. Хоҳу нохоҳ байнашон суханҳо раду бадал хоҳад шуд. Худро бепарво нишон дода наметавонад. Ва намедонад, чӣ бигӯяд.

Хишир – хишири ниҳолҳо, садои ба замин бархӯрдани каланд торафт баланд мегашт. Ба пояи охирин ниҳол каланди Нигораву Садбарг баробар расид. Садои ҷарангоси оҳан дигар овозҳоро пахш кард. Садбарг каме қафо баргашта, рӯ ба рӯйи Нигора биистод. Дигар



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ҳамкорон дар ду паҳлӯи ӯ ба шакли нимдоира қарор гирифтанд. Ҳама хомӯш. Сухани аввалро бояд Садбарг мегуфт. Ҳама нигарон, ки ӯ чӣ мегуяд.

Нигора тамоман дасту по хӯрда шуд. То ҳол ёд надорад, ки аз Садбарг гапи хуш шунида бошад. Ҳар дафъа бо ӯ дар муноқиша аст. Ин дафъа бошад, ниййят дошт, ки хомӯширо авло донад. Чӣ суханҳое, ки нагӯяд ҷавоб, нахоҳад дод. Хомӯш меистад, тамом.

Хомӯшии начандон тӯлоние ба миён омад. Ба назари Нигора соатҳо тӯл кашид, он. Арӯс гулӯ афшонд. Ин маънои онро дошт, ки Садбарг бояд сухан гӯяд.

- Хайр, ку гап зан, - ниҳоят ба сухан даромад Садбарг. – То кай ин хел мегардӣ? Айбу изора намедонӣ? Дар ҳама ҷо гапи туву Тортанак.

Нигора сар поин афканда хомӯш меистод. Садбарг хилофи одат, бе таъна нарм ҳарф мезад. Чунин гуфтори Садбарг ба ӯ таъсир кард. Дилашро ба риққат овард. Гирйя гулӯгираш дошт.

- Апай Садбарг рост мега, - суханони ҳамкорашро тақвият бахшид Ойиша. – Қати мо, ки ҳастӣ бояд ранги мо бошӣ. Мефаҳмем, зиндагият душворай. Лекин тоқат кардан лозим.

Дар чашмони Нигора ашк давид. Оҳи бадарде кашид. Бо нӯги остин дидагонашро пок кард. Ин ҳолро дида Садбарг пешаш омад.

- Ай ҳами руз сар карда рафтората дигар мекунӣ, фаҳмидӣ? – сари Нигораро оғӯш гирифта гуфт ӯ.

Нигора бо аломати ризо сар ҷунбонд.

- Ҳеҷ гоҳ зиқ нашав, - ба суханонаш идома дод Садбарг. – Туву фарзандот гушна намемонен. Бачаҳой қишлоқ минбаъд кори хайр карданиян. Ҳар моҳ ай Расия пул, хурока, сару либос ҷамъ карда мефиристан. Тақсимгар бобой эшонай. Худум гапуш мезанум, аввал ҳақи тура метия. Ҳафтаи дигар шаҳр меравум. Паҳлавонум бояд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тилфон куна. Мегум вакти омададануш ай кучое ки набоша, шута ёфта биёра.

Деҳқонзанон Нигораро миёнагир карда, сари қитъа рафтанд. Аз нав баробар чӯяк гирифта, ба нармкунии ниҳолҳо шурӯъ намуданд.

* * *

Тавқӣ баъди мунокиша бо Нигора сахт ошуфтаҳол гашту аз карда пушаймон. Фикр мекард, ки аз яке мондаву аз дигаре ронда. Худро маломат дошт. Аз он ки пайи ҳавою ҳавас давида Нигораро аз даст дод. Бебозгашт. Гумон аст, дигар бо ӯ муносибате кунад, Нигора. «Дар гӯр қомати мавзуни Сайлӣ, - раҳорах фикр дошт ӯ. – Аз барои вай шуда Нигораро аз даст додам. Сазои сарам.»

Дилаш мехост дар чойе танҳо бошаду тахти дил нӯшад. Ғубори дилашро тоза намояд. Ҳеч майли хонаравӣ надошт. Пакана хонаро пур аз Алӯлаку Булӯлак кардааст. Гумон аст, он чо осоиш ёбад.

Чанги роҳи хокии лаби заҳбури миёни қитъаҳоро ба ҳаво хезонда, чавоне савори мотосикли дучарха бо суръати тез чониби Тавқӣ меомад. Даруни куртаи сафеди берун аз шимаш ҳаво даромада, чавонро шабеҳи халтаи калон мегардонд.

Тавқӣ ӯро шинохт. Ва аз шодӣ қариб ба ракс дарояд. Ҷавони савора чияни раиси хочагӣ, Шокир буд. Вай мудири нуриҳои маъданист. Агар бо раис ва дигар роҳбарони хочагӣ Тавқӣ ошноӣ дошта бошад, бо Шокир чӯраи чонист. Ҳар ду нӯшиданро бағоят дӯст медоранд. Маҳз шароб онҳоро бо ҳам қарин гардонд.

Хочагӣ ҳар сол барои эҳтиёчот нурии зиёд мехарад. Вале қитъаҳои пахта нуриро хеле кам мебинад. Баъзе қитъаҳо бошад, тамоман. Калид ба дасти Шокир аст. Бо салоҳдиди хеш нуриро тақсим мекунад. Дақиктараш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

мефурӯшад. Боре Шокир барои шишаи шароб шуда, қариб ним тонна нуриро ба савдо мезанад.

Бригадаҳои пахтакорӣ миқдори муайянгаштаи нуриро гирифтаанд ё не, барояш фарқ надорад. Дар ҷамъбасти сол бошад, маҳз ҳосили миқдори муайянгашта, аз ҳар бригада боздошта мешавад. Аз ҳисоби ҳақи меҳнати деҳқонон.

Худсарӣ, duздию ғоратгариро бошад, Шокир аз тағои раисаш омӯхт. Чун пунбадона ба замин афтид, раис аллакай бо корхонаҳои коркарди пахта шартнома дорад. Пасон ҳосили бо араки ҷабин ғундоштаи деҳқононро он ҷо месупорад. Ва бештари даромадро ба кисаи хеш мезанад.

Аз ин ҳисоб раис ҷипсавору манзили дакаданге дорад. Хилофи тағояш Шокир сарват намеғундорад. Пули ёфтаашро сарфи маъишат мекунад. Ба қавли ӯ, аз ин дунёи дурӯза танҳо кайфу сафо мемонад.

Имрӯз назди дӯсташ Тавқӣ шитоб дошт. Якҷоя каме маъишат мекунанду сипас баъзе корҳоро маслиҳат хоҳанд кард. Тавқӣ бошад мепиндошт, ки Худованд маҳз дили маҳзуни ӯро дида, Шокирро наздаш фиристодааст.

Шокир суръати дучархаро суст накарда, назди Тавқӣ сахт тормоз дод. Ва фармонро якбора ба чап тоб дод. Дучарха атрофи Тавқӣ ба шакли нимдоира тоб хӯрд. Чангу хокро боз ҳам бештар ба ҳаво хезонда, пас истод. Лаҳзае ҳар ду даруни чанг монданд. Тавқӣ ба пешвози дӯсташ по ниҳод.

- Хайрият, тарафҳои мо ҳам меомадаӣ, - дӯсти болои дучарха рост истодаашро оғӯшкунон гила кард Тавқӣ.

- Кор бисёр, ошно, - худро сафед карданӣ шуд Шокир. – Ана, имкон шуду суроғат омадам.

- Биё, хуш омадӣ!..

Дӯстон бо лабханд ба ҳам дида дӯхтанд.

- Ошно ту ҳам серкор менамоӣ, - гуфт Шокир. – Хонаат рафтам, нестӣ. Дар идораи участка ҳам даракатро наёфтам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пахта гуфта, мегардӣ. Чорта дами беғам занем, зарар надорад.

Тавқӣ аз суханони дӯсташ хандид. Кӯшид худро назди ӯ масъулиятшинос нишон бидиҳад.

- Бригадирум ошно, бояд доим сари кор бошум. Назорат набарум корро бало мезанад.

- Э – э, - даст афшонд Шокир. - Кор гуфта худатро накуш. Ҳайф мешавӣ. Боз мегум, ки кам – кам маъишат халал намерасонад.

Дар як гӯшаи фармони дучарха турхалта овезон меистод. Шокир бо кафи даст ба халта тап – тап зад. Чеҳраи Тавқӣ шукуфон гашт.

- Биё, ягон ҷо рафта ҳалкҳоро тар кунем, - таклиф кард Шокир ва муҳаррики дучархаро ба кор наандохта пурсид: - Ягон нозанинатро гирифта барем, намешавад?

- Гум кун, ин ҳора!

Тавқӣ баъди гуфтугӯ бо Сайлӣ ва мунoқиша бо Нигора рӯйи деҳқонзанони бригадаашро дидан намехост.

- Чӣ, дар фармонут нестан?

- Ҳастан, лекин садта – садта бе инҳо беҳтар, - гапро сӯйи дигар бурданӣ шуд.

-Не – е, ҷӯра, маъишат бо нозанино ранги дигар дора, - бехабар аз дили дӯсташ гуфт Шокир. – Садта – садта баъд болои нозанино мебаройӣ. Эҳ, аҷаб кайф!..

Тавқӣ хомӯширо авло донист. Ин замон хубрӯёни оламро ҳозир мекарданд, аз рангу раҳматашон безор буд.

Шокир дид, ки дӯсташ фикри ӯро тақвият намебахшад, муҳаррикро ба кор андохт. Тавқӣ нафаси сабук кашид.

* * *

Қитъаҳои пахтазорони Вахшонзамин асосан атрофи деҳот ҷо гирифтааст. Ҳар ҷо – ҳар ҷо қитъаҳоро ҷӯйҳо бурида мегузарад. Ҳангоми обёрӣ аз ҷӯйҳо истифода мебаранд. Нимаҳои тирамоҳ оби ин ҷӯйҳо хушк мегардад. То баҳорони соли дигар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳар ду тарафи ҷӯйҳо ниҳолзор аст. Асосан ниҳоли тут. Ниҳолҳои мевадиҳанда ва маҷнунбед ҳам ба назар мерасад. Зери аксар маҷнунбедҳо суфа бунёд аст. Барои истироҳат.

Тавқию Шокир ҷойи хилвате болои суфа маъишат доштанд. Рӯзномеро чун суфра густурда, болояш ҳар гуна хӯрданӣ ниҳоданд. Ҳасибҳои гуногун, карам, сабзӣ, бодиринг ва дигар сабзавоти намакин. Дӯстон шишаеро холӣ, дуввумашро ним карданд.

- Эҳ, зиндагӣ, очаи зораша об бара! – пораи бодирингро ғарч – ғарчкунон хоида нидо кард Шокир. – Фақат ҳаминаш мемона. Дигарош к черту!

Тавқӣ лундаи ҳасиберо ба даҳон пеш карда, бо аломати ризо сар ҷунбонд.

- Лекин ту, ҷӯра маъишатро намефаҳмӣ. Агар ду нозанин мебуд, ин ҷо нур мегирифт. Мефаҳмӣ, нур!

Шароб ҳардуро сархуш кард. Аз таъсири он чеҳраи Шокир суп – сурх шуда, лаблабуро мемонд. Шокир гап мезаду гап мезад. Лекин суханонаш ба гӯши Тавқӣ дигар намедаромад. Ӯро хоб зер кард. Сараш поин шудан гирифта, оҳиста паҳлӯи суфра дароз кашид. Шокир дид, ки дӯсташ аллакай хоб аст, ӯ ҳам қад дароз кард. Ҳар ду аз одаму олам бехабар хоб рафтанд. Танҳо хурроккашии онҳо ба атроф паҳн мегашту халос.

Ҳангоме ки Шокир ба худ омад, рӯз аз нисф гузашта, тасфи ҳаво хеле паст шуда буд. Насими мулоиме вазида, сару рӯйро сила мекард. Вай аз ҷо бархоста лаби ҷӯй омад. «Эҳ - ҳ», гӯён ба ду тараф даст ёзонда, хамёзаи дароз кашид. Сипас пойҳояшро ба ду канори ҷӯй ниҳода хам гашт. Чанд панҷа об ба рӯю гарданаш зад. Оби сард вайро ҳушёру ба танаш ҳаловат бахшид.

Қомат рост карда, ҷониби дӯсташ нигоҳ афканд. Тавқӣ оромона мехобид. Аз нав ба ҷӯй хам гашта, як каф об болои дӯсташ пошид. Об Тавқиро ба худ овард.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

- Хез ҷӯра, хуб хоб кардӣ.

Тавқӣ ба Шокир пайравӣ карда, дасту рӯяшро бо оби сард шуст. Рӯи суфраи коғазин шишаи ним ва хӯрданиҳои боқимонда мехобид. Шокир ошнояшро сари суфра даъват кард. Шароби боқимондаро ба пиёлаҳо рехт.

- Як кор ҳаст, ошно, - пас аз пиёлаҳоро бардоштан гуфт Шокир. – Чанд тонна дору дар склад хоб аст. Ягон клиент ёб, пулаш баробар тақсим.

- Гап нест, ошно, - аз суханони дӯсташ шод гашт Тавқӣ. – Медонӣ чӣ кор мекунем?

Шокир суъоломез ҷонибаш нигарист.

- Ба ягон мошин бор карда, хона биёр. Он тарафаш осон. Давоми чор – панҷ рӯз ҳамаашро обу лой мекунам. Мешавад?

Шокир чизе нагуфт. Аммо бо чеҳраи шод ва аломати ризо кафи дасташро кушода, ба кафи дасти Тавқӣ сахт зад. Аз бархӯрдани кафҳо садои баланди «коп» ба атроф паҳн гардид. Ҷуфти фохтаи болои маҷнунбед аз ин садо рамиду онро тарк кард.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БОБИ II

Мӯйсафеди Нур кайҳо нийяти пойтахт рафтан дошт. Вале имконийят даст намедод. Ташвиши рӯзгор, илова бар он кори саҳро. Кори саҳро, хусусан ба нийяташ монеъ мегашт. Шабу рӯзи гармо пахта пайваста об мехост. Пиру мурид қитъаеро сероб карда, дарҳол ба қитъаи дигар об мемонданд.

Ба пойтахт рафтани мӯйсафеди Нур сабаб дошт. Чашмонаш дард мекарданд. Писари як дӯсти қадрдонаш роҳбари идораи ҳифзи иҷтимоъии ноҳия буд. Боре ба хонаи дӯсташ меҳмонӣ рафту писари вай аз вазъи мӯйсафед воқиф гашт. Пас боисрор хоҳиш кард, наздаш ба идора биёяд.

Бо кӯмаки он писар мӯйсафеди Нур аз муъойинаи тибӣ гузашта, ҳуҷҷатҳои лозимаро гирд овард. Акнун мебоист пойтахт рафта, дар вазорат ҳуҷҷатҳояшро тасдиқ мекард. Ва ин имкон медод нафақаи ӯ чанд маротиба афзояд.

Вай тамоми умри худро дар саҳро гузаронд. Пеш аз ҷанги шаҳрвандӣ ба нафақа баромад. Нафақаи хуб мегирифт. Имрӯз бошад ҳамагӣ панҷ сомонист нафақаи ӯ. Бо ин пулҳо танҳо бо автобус пойтахт рафта омадан мумкину халос.

Мӯйсафеди Нур аз пеши писари дӯсташ хеле шод баргашт. Дар сурати афзудани нафақа моҳе як халта орд харидан мумкин. Ин бошад кӯмаки хеле калонест, ба рӯзгори оила.

Нафақа сабаб шуду мӯйсафеди Нур ба пойтахт сафар дошт. Ба Душанбе дафъаи охир понздаҳ сол пеш рафта буд. Он солҳо бо ҳосили меваҷоти ҳотаи назди хона даҳони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сокинони пойтахтро ширин мекард. Вай боғи шафтолузор дошт. Аз миёнаи баҳорон то оғози зимистон дар навдаҳои ниҳолҳои боғи мӯсафеди Нур ин меваи шаҳдборро дидан мумкин буд.

Замони ҷанги шаҳрвандӣ қатори дигар ободиҳо боғ ҳам ба харобазор табдил ёфт. Дубора ба бунёди он камар баст, мӯйсафеди Нур. Ҳарчанд на ҳама навъҳои шафтолуро пайдо кард. Ба ҳар ҳол боғ ба худ ҳусни тозае гирифт. Вале ҳавсалаи ба бозор бурда фурӯхтани онро надорад. Пир шудааст, мӯйсафеди Нур. Илова бар он, кори саҳро тамоми вақти ӯро мегирад.

Фасли тобистон рӯзҳо ниҳоят дароз аст. Ҳар гуна корро саришта кардан мумкин, дар ин рӯзҳо. Мӯйсафеди Нур қарор дод пойтахт биравад. Хуб ҳаял шавад, як шаб мемонад.  Шабро дар манзили иҷора гирифтаи Ҳусейн, писари мӯйсафеди ҳамдеҳааш Теша рӯз хоҳад кард.

Автобус аз Қӯрғонтеппа ҳанӯз субҳ надамида ба роҳ баромад. Бо оғози рӯз ба канори шаҳр расид. Дар ду тарафи шоҳроҳ фавҷи одамӣ ба бозори ноободи корхонаи тайёрасозӣ медаромад. Аз қафои онҳо аробаҳои дучархаи пурбор. Мӯйсафед ҳайрон монд.

- Бачам, ин чи хели зовутай? – паси тирезаи автобус, ба берун ишоракунон пурсид ӯ аз ҷавони ҳампаҳлӯяш.

Ҷавон хандид.

- Заводи бозор, бобӣ.

- Чӣ хел, заводи бозор? – нафаҳмид мӯсафеди Нур.

- Э, бобо маълум, ки аз бисёр корҳо бехабарӣ. Дигар завод – павод нест. Ин ҷо бозор, мефаҳмӣ.

- Фаҳмидам, - сар ҷунбонд мӯйсафеди Нур. – Аагар хато накунам, ин ҷо бояд заводи самолёт мешуд. Ҳамин тавр не?

- Дуруст. Бояд сохта мешуд. Лекин таҷҳизоти корхонаи нимободро ба яғмо бурданд. Имрӯз бошад, пулдорҳо заводро харида, ба бозор табдил доданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Ба ҳар ҳол заводро обод мекарданд, хуб мешуд, - бо ҳасрат гуфт мӯйсафеди Нур.

- Албатта, хуб мешуд. Ин ҳам дарди бахайр. Корхонаҳои ободро ба харобазор табдил доданд. Мардум, ки бекорай, ҳама ба бозор часпид.Ҷойи заводу фабрикаҳоро акнун бозор гирифтааст.

Дигаргуниҳои имрӯза шояд ҷавонро дилгир карда бошад, ки бо мӯйсафеди Нур қадре дарди дил намуд. Мӯйсафеди Нур аз нав ба берун нигоҳ афканд. Болои яке аз биноҳо бо се забон – тоҷикӣ, русию англисӣ навиштаанд: «Бозори Корвон» Болотар бошад, бо чароғҳои неонӣ суробу уштур ва моҳи навро офаридаанд. Нурафкании чароғҳо дам ба дам тағйир меёфт. Аз ин тағйирёбӣ уштур дар ҳаракат ва моҳи нав ҷой иваз мекард.

Ҳар боре мӯйсафеди Нур ба шаҳр меомад, аз гулҳои рангобаранг ва қолини махмалини алафҳои сабзи ду ҷониби пиёдароҳи миёни роҳи мошингард, ки аз маркази наклиёт то бозори «Саховат» тӯл мекашид, завқ мебурд. Дилаш ба фараҳ меомад, ки пойтахти диёраш торафт ободу зебо мешавад.

Ҳоло бошад замин урён, аз ҳусни пешина ному нишон нест. Пеши бозори «Саховат» пиёдароҳ ба ҷойи тавилаи аробаҳои аспдор табдил ёфтааст. Ин ҷо ҳам чун бозори «Корвон» одам меҷӯшид. Ҳама дар бозор. Кор танҳо хариду фурӯш.

Паси тирезаи автобус берунро назоракунон мӯйсафеди Нур ҳодисаи бист сол пеш бо ӯ рухдодаро пеши назар овард. Мисли имрӯз саҳар ба шаҳр расиду наздикиҳои бозор аз наклиёт фаромад. Дар кӯчаҳо хеле кам одам менамуд. Тағораи пур аз шафтолуро сари китф ниҳода, роҳро убур кард. На аз ҷойи пиёдагузар. Гулбутаҳоро помолкунон.

Дар пиёдароҳ тағораро рӯйи асфалт ниҳода, хост каме нафас рост кунад. Гӯё аз таги замин бошад, рӯ ба рӯяш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

духтарчаи нуҳ – даҳсола пайдо шуда монд. Дар даст кулвори мактабӣ, дар чашмон айнак. Аз паси шишаҳои айнак бо нигоҳи чашм ӯро нийяти сурох кардан дошт.

- Шарм намедоред, гулҳоро помол мекунед? – бо оҳанги сард ба истинток даромад духтарча. – Бетарбия!

Инро гуфта духтарча дур шудан гирифт. Вай бошад ҳайкалвор дар ҷояш шах шуда монд. Куҷост он духтарак, ки имрӯз мардуми тамоман безавкгаштаро андак танбеҳ диҳад?

* * *

Суроғкунон назди бинои вазорат расид. Ва дарбон ба ӯ фаҳмонд, ки ба кадом табақа бароямду назди кӣ дароям.

- Шаст сомон!..

Дар табақаи саввуми вазорат дар ҳуҷраи барҳавое рӯ ба рӯйи мансабдори миёнсоле менишаст, мӯйсафеди Нур. Мансабдор ҳуҷҷатҳоро аз назар гузаронда суханони болоро гуфт.Чун тамоми коғазҳоро бодиққат дида баромад, сар бардошта боз такрор кард:

- Шаст сомон!

Ба суханони мансабдор дуруст сарфаҳм нарафта, хомӯш менишаст мӯйсафеди Нур.

- Кар шудед, бобо? – бовиқор овоз баланд кард мансабдор.

- Додар, нафаҳмидам гапота, - ҳамоно ба мансабдор ҳайрон менигарист ӯ.

- Шаст сомон медиҳеду ҳуҷҷатҳоятонро тахт мегиред., - бо кафи даст болои коғаз зада монд мансабдор.

Мӯйсафеди Нур забон хойид.

- Додар, ин қадар пул надорам, - ниҳоят ҷавоб дод ӯ.

- Набошад вақтамро беҳуда нагиред! – ҳуҷҷатҳоро пеши вай партофт мансабдор. Дар чеҳрааш гӯё ниқоб кашида бошанд, ягон рагу пояш наҷунбид.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳамагӣ даҳ сомонӣ дар киса дошт ӯ. Дасти холӣ хонаи Ҳусейн рафтанро ба худ эб намедид. Илова бар он, аз Душанбе бармегашт. Набераҳо ба дасташ нигоҳ хоҳанд кард. Барояшон каме савғо нийяти бурдан дошт.

- Охир, дар район гуфтанд, ки ҳуҷҷатҳоро бепул тахт мекунанд – ку? – ранҷидахотир пурсид мӯйсафеди Нур.

- Мехоҳед нафақаатон зиёд шавад. Лекин зихнагӣ карда пулро дареғ медоред.

- Ба Худо, ки надорам.

- Хезеду равед, аз ин ҷо! – омирона ва бо кароҳият гуфт мансабдор. – Шарм надошта вақти маро беҳуда мегиреду боз…

Мансабдор давоми суханашро нагуфт. Хун ба сари мӯйсафеди Нур зад. Чӣ тавр асои дасташро бардошта ба сари мансабдор кӯфт, надонист. Асоро аз Русия писараш фиристода буд. Асои зебо ва шинам. Аз зарбаи сахт дастаи он шикаст. Фарёди ҷонкоҳи мансабдор чанд нафарро ба ҳуҷра овард.

- Падарлаънати беимон! Ин қадар пулро аз куҷо ёбам!? – дод зад мӯйсафеди Нур ва гӯё сахт монда шуда бошад, рӯйи курсӣ нишаст.

Одами ботамкину ботаҳаммул бори нахуст дар умраш чунин густохӣ кард. Ва аз карда пушаймон набуд.

Дар идораи милиса назди корманди ҷавони додситонӣ воқеъаи рухдодаро мӯйсафеди Нур батафсил ҳикоят дошт. Корманди ҷавон нақли ӯро бодиққат гӯш мекард. Гоҳо сар ҷунбонда, табассум мекард. Нақли мӯйсафедро шунида, баъд паси мошинка нишаст. Онро чоп намуда, коғазҳоро пеши мӯйсафеди Нур гузошт.

- Ана, нақли кардаи шумо, бобоҷон, Марҳамат, хонда имзо гузоред.

- Бачам, саводам кофӣ нест. Худат ба ҷоям имзо гузор.

Корманди ҷавон хандида гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Кайҳо аз болои ин шахси шуморо хафа карда, далел гирд оварда истодаем.Шумо бошед, бо амалатон кори моро тезонидед. Чунин ашхос дар ин вазорат хеле зиёданд. Чӣ корҳое ки намекунанд. Барои одамони дуппа – дуруст ҳуҷҷатҳо тартиб дода, ба онҳо дараҷаҳои гуногуни инвалидӣ медиҳанд. Ба ивази пул. Маззахӯрак, ки шуданд, аз шумо ҳам пул талаб карданд.

Занги телефони рӯйи миз баланд гашту ҷавон гӯшаки онро бардошт. Овози мусоҳибашро шунида, гӯшакро ба ҷояш гузошт. Узр пурсида, хеста берун рафт.

«Чи хел ҷавони боадаб», аз дил гузаронд мӯйсафеди Нур.

- Ҳуҷҷатҳои шумо ҳамааш тахт, - аз дар даромада як даста коғазро назди мӯйсафеди Нур гузошт ҷавон. – Метавонед, бемалол гашта хона равед.

- Хона равам? – нобоварона пурсид мӯйсафеди Нур.

- Ҳа, бемалол рафтан гиред.

- Баъд маро суроғ намекунед?

- Мумкин дар рафти мурофиъа ба сифати шоҳид ҷеғ зананд.

- Қава намекунед, баъд?

- Барои чӣ?

- Ӯро задам – ку?

- Хуб кардед, ки задед. Сазои сараш.

- Мехоҳед, як воқеъаро нақл кунам?

- Агар вақт дошта бошед, марҳамат.

Ва мӯйсафеди Нур ҳикоят кард. Корманди ҷавони идораи додситонӣ нақли ӯро

бодиққат гӯш мекард.

* * *

Бошандаи Гулистон, бобои Хол аз хоб хеста, барои қазои ҳоҷат ва таҳорат рӯйи ҳавлӣ мебарояд. Назди



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

оғилхона суроби одамӣ ба назараш менамояд. Бесадо худро он ҷо мерасонад. Мебинад, ки писари ҳамсоя ҳаракати дохили оғил даромадан дорад. Ӯро бозмедорад.

Писари ҳамсоя мебинад, ки ба дуздӣ мутаҳҳам хоҳад шуд. Бобои Холро зада, гурехтанӣ мешавад. Синаш ба ҷойе расида бошад ҳам, марди паҳлавонҷусса ва бақуввате буд, бобои Хол. Ӯро аз по меафтонаду хонаводаро ба ёрӣ мехонад. Якҷоя дасту пояшро мебанданд.

Баъди дамидани субҳ волидайни ӯро гоҳ месозанд. Ба ҷойи узр пурсидан онҳо даъво мекунанд, ки ҳамаи ин корҳо дар ҳақи писарашон тӯҳмат аст. Ноилоҷ бобои Хол милисаро хабар медиҳад. Писари ҳамсояро гирифта мебаранд. Баъди чор рӯз ӯро сар медиҳанд. Ҳамсоя рӯйирост мегӯяд, ки пул дода писарашро халос кардааст.

Пас аз як ҳафтаи воқеъа, милисаҳо худи бобои  Холро гирифта мебаранд. Бо гуноҳи тӯҳмат кардан. Муфаттиш аз ӯ ҳам пул талаб мекунад. Дар акси ҳол чанд соли ҳаёташро паси панҷара гузарондан мумкин. Ноилоҷ пулҳои аз Русия фиристодаи писарашро дода, ҷонашро халос мекунад.

- Кош, ту барин коркунон байнатон зиёд бошанд, писарам, - гуфт дар фарҷоми ҳикояташ мӯйсафеди Нур.

- Ҳама порахӯру фиребгар шаванд, кишварро чӣ тавр ободъ кардан мумкин? – чин дар пешонӣ  посух дод коркуни ҷавон.

- Бовар кун, писарам, мардуми бечора ҳозир аз Худо хоҳиш дорад, ки кораш ба милисаву духтурҳо ҳеҷ гоҳ наафтад. Хонаи ободатро месӯзанд.

Мӯйсафеди Нур инро гуфта, аз ҷо бархост. Ҷавон ҳам барои гуселаш боло шуд.

Ҳодисаи дар вазорат рухдода ва ба милисахона бурдану баёнотнависӣ хеле вақтро гирифт. Рӯз бегоҳ шуду имкони хона баргаштан намонд. Мӯйсафеди Нур ночор қарор дод, маҳаллаи чилушашум, назди Ҳусейн биравад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Маҳаллаи чилушашумро замоне «шаҳраки ҷавонон» меномиданд. Асосан биноҳои хобгоҳҳои донишҷӯёни макотиби гуногуни пойтахт бунёд шудааст, дар ин маҳалла. Фақат ҷавононро дидаву овози эшонро шунидан мумкин буд, ин ҷо.

Маҳаллаи чилушашум ҳоло на он маҳаллест, ки дар лавҳи хотири мӯйсафеди Нур нақше дошт. Ин ҷо донишҷӯён зист надоранд. Тамоми биноҳо ба хобгоҳҳои оилавӣ табдил ёфтааст. Аз доду фарёди тифлони ба ҳавлиҳо рехта, гӯши малак кар мешавад. Ҳама ҷо ифлос, дар партовгоҳҳо ахлоти зиёд ҷамъ шуда, дили касро беҳузур месозад. Ҳатто майдончаи варзишӣ ба худ тарҳи бозорро гирифтааст. Бегоҳиҳо ин ҷо бозор оғоз ёфта, то як вақти шаб идома меёбад. Мефурӯшанду мехаранд. Аробакашу мардикор, бозоракиҳо шикам сер мекунанд, ин ҷо. Шаҳрдорон диққати асосиро ба ободию зебоии кӯчаҳои асосӣ равон карда, канораҳои шаҳрро ба гӯшаи фаромӯшӣ вогузоштаанд. Ин аст, ки дар канораҳо баъзе биноҳои аз чашми ҳамагон каме дур харобазорро мемонад. Аз ҷумла, дар ин маҳалла.

Бо азобе бинои даркориро ёфта, табақаи дуввум баромад. Пушти дар сурфае карду пас онро тақ – тақ зад. Дарро рӯ ба рӯяш Хусейн кушод. Чун аксари мардуми деҳот аз омадани мӯйсафед Ҳусейну ҳамсараш шод гаштанд. Бо дили гарму чеҳраи кушод пешвозаш гирифтанд. Он ҷо ҳамдеҳаи дигараш Исҳоқ низ ҳузур дошт.

Хулоса аз омаданаш ҳама шод буданд. Ғайри худи мӯйсафед. Вай хешро ноҳинҷор ҳис мекард. Аз омадан пушаймон буд. Дар як ҳуҷра зану шавҳар бо се тифл базӯр меғунҷанд. Чӣ тавр ин ҷо шабро рӯз мекунад? Вай одами намозхон. Бояд таҳорат кунаду намоз хонад. Аммо дар куҷо? Исҳоқ инро пай бурд. Ҳангоми аз ҷо бархостан мурoот кард, ки мӯйсафед бо ӯ равад. Дарҳол розӣ шуд. Соҳибхонаҳо ҳайрон, ҳатто хафа шуданд. Наздашон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

меҳмонӣ омадаасту боз нийяти рафтан дорад. Исҳоқ Ҳусейнро ишораи берун баромадан кард. Дар долон вазъиятро ба ӯ фаҳмонд. Мӯйсафеди Нур бо ҳамдеҳааш Исҳоқ ба ҷойи зисти ӯ, маҳаллаи берун аз шаҳр, Гулбутта равон гардид.

* * *

Маҳаллаи Гулбута дар қисмати ҷанубии шаҳр, поёнтар аз иншоъоти обсофкунӣ бунёд шудааст. Маркази он шаҳрак ҳисоб ёфта, мансуби пойтахт аст. Атрофаш чун деҳа, ба ноҳияи наздишаҳрӣ.

Гулбута маҳаллест, дар ҷойи сернаму санглох обод шуда. Агар заминро ним метр кобед, аллакай об боло мехезад. Ва аз ин рӯ барои одамони гирифтори бемориҳои тарбод, ҷойест балои ҷон.

Аз самти офтоббаро, аз боло то поёни маҳалла паҳлӯи ҳавзҳои обсофкунӣ бӯстонсароҳо тӯл кашидаанд. Замоне ашхоси воломақом ҳам ин ҷо бӯстонасароҳо доштанд. Умуман бӯстонсароҳо манзили дуввуми шаҳриён ҳисоб меёфт. Рӯзҳои истироҳатро маҳз дар ин манзилҳо мегузарондананд. Ҳоло бошад, танҳо мардуми одӣ зист дорад. Мардуме, ки аз ҳар гӯшаи кишвар барои дарёфти ризқу рӯзӣ ва рӯзгузаронӣ ба пойтахт омадаанд.

Исҳоқ дар қисмати поёнии бӯстонсароҳо, наздик ба канори дарё дар манзили як шиносаш мезист. Бӯстонсаро ду хуҷраи алоҳида дошт. Ва мӯйсафеди Нур шод гашт. Таҳорат карда, дар хуҷраи алоҳида пайи тоъату ибодат шуд.

Собиқ омӯзгори фани ҷуғрофияи мактаби Гулистон аз рӯзгораш қаноъатманд аст. Дар мактаби маҳаллаи Гулбутта дарс мегӯяд. Вақтҳои холигӣ бошад, кораш моҳидорӣ. Ҳамроҳи ду писари наврасаш аз дарё моҳӣ медорад. Ҳамсараш бирён мекунаду бурда дар бозор ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

савдо мезананд. Ҳоло таътили тобистона идома дорад. Ташвишаш кам. Кораш танҳо моҳидорӣ.

Соҳибхонаҳо мӯйсафедро бо моҳибирён зиёфат карданд. Моҳиёни хурду калон. Баъзеяшон чун панҷаи хурди одамӣ, майда.

- Ҳаминҳоро ҳам мехаранд? – моҳичаҳои хурди бирёнро дар назар дошта пурсид мӯйсафеди Нур.

Исҳоқ аз суханони мӯйсафеди Нур базавқ хандид.

- Шайтонро пурсиданд, ки хок мехӯрӣ? Гуфтааст, ки равған дорад? Ҳозир хокро бирён карда барӣ, дар бозор мехаранд. Аз дарё хурд ҳам бошад, моҳии ҳалолу покиза медорем. Дигарҳо аз ҳавзҳои очистной моҳиёни калон, лекин ба ахлот олудаву бӯнокро дошта, ба савдо мезананд.

- Яъне мардумро фиреб медиҳанд?

- Албатта. Харидор кай медонад, ки моҳиро аз куҷо медоранд? Фаҳмад, ба фикрам хӯрданашро тавба мекунад.

То як поси шаб мӯйсафеди Нур бо Исҳоқ аз рӯзгори имрӯза сӯҳбат намуданд. Ба назари мӯйсафед Исҳоқ одами зиндадил менамуд. Аз душвориҳо ҳарос надорад. Бори вазнини зиндагӣ ӯро ба пойтахт овардааст. Аҳли ойила заҳмат мекашанд. Ҳоло рӯзгори худро пеш мебараду падар ва модари пири дар Гулистон мондаашро ҳам, ёрӣ мерасонад. Субҳи дигар баъди адои намози бомдод ва хӯроки наҳор мӯйсафеди Нур хост аз соҳибхона рухсат пурсида, деҳа баргардад. Исҳоқ монеъ шуд.

- Рӯз дароз аст, - гуфт вай. – Якҷо лаби дарё меравем. Кори моро камтар тамошо мекунӣ. Баъд худам бурда ба автобус саворат мекунам.

Мӯйсафеди Нур розӣ шуд.

- Майлаш, тамошо бошад, тамошо.

Даруни рӯди Кофарниҳон корхонаи саноъатиро мемонад. Дақиқтараш корхонаи асримиёнагии Аврупоро. Миёни дарё ҳар ҷо – ҳар ҷо ҷазирача ба назар мерасад. Ҷазирачаҳои сангу регӣ. Мардуми зиёд бел дар даст рег



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ғирбол мекард. Ҳар гуна симтӯр, ҳатто симтӯрҳои симкатҳоро ба олоти регтозакунӣ табдил додаанд.

Пиру барно баробар заҳмат мекашанд. Ҳатто занон ҳам. Мӯрчавор ҷунбуҷул доштанд. Рег тоза мекарданд. Санг чида, гирд меоварданд. Аз рӯзи дароз зери офтоиб сӯзон ҷон коҳондан баъзеҳо занги таппа – тайёр шудаанд.

Дам ба дам мошинҳои боркаш омада, бо роҳи махсус даруни дарё мефаромаданд. Касе, ки чолокӣ мекард, мошинро дошта назди ғарами регаш мебурд. Регро бор карда, аз ронанда ҳақи хизмат мегирифт. Ронанда бошад регро ба ҷойи фармоишӣ расонда, сечанд ҳақ мерӯёнад.

Мӯйсафеди Нур ҳамроҳи Исҳоқ аз баландии сади ҳифозатии об ин манзарaро тамошо дошт. Худ ба худ меандешид, ки ҳамаи ин корҳо аз ноилоҷӣ ва барои рӯзгузаронист. Магар солҳои пеш касе ба чунин корҳо даст мезад? Ҳаргиз!

- Заводи мо чӣ хел? – шӯхиомез пурсид Исҳоқ . – Вакт шавад, мо ҳам гоҳ – гоҳ қум бор мекунем. Кори хеле вазнин. Лекин ба буҷаи ойила кӯмаки иловагӣ мешавад.

Мӯйсафеди Нур ба фикри Исҳоқ розӣ буд. Дар шаҳр ва атрофи он имрӯз зистан осонтар. Маҳз пулёбист, ки деҳотиён бо аҳли байт ба шаҳр кӯч мебанданд. Онҳо аз ҷойи регтозакунӣ ба самти муқобили об хеле боло рафтанд. Исҳоқ ба атроф бодиққат дида дӯхт.

- Ин ҷо шишта камтар дам гир, - рӯ ба мӯйсафеди Нур оварда гуфт Исҳоқ. – Мо корамонро сар мекунем…

Вай инро гуфта ба ду писари наврасаш ишора кард. Ҳар се поин фаромаданд. Писаронаш серҳаракат менамуданд. Якеаш халтаи дар даст бударо кушода, тӯри моҳигириро берун овард. Исҳоқ либосҳошро бадар карда, худро даруни об гирифт. Як гӯшаи тӯр дасти писараш лаби об, гӯшаи дигарашро бо худ даруни об мекашид. Тӯр хеле дарозӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дошт. Моҳӣ ҳамроҳи ҷараёни об поин омада, ба сӯрохиҳои бешумор бархӯрда, мепечид ва ба тӯр дармемонд.

Баъди чанде тӯрро берун кашиданд. Хурду калон моҳиёни зиёд ба тӯр дармонда буд. Моҳиҳоро тез чида, ба халта андохтанд. Исҳоқ аз нав ба об даромад. Пас аз моҳидорӣ Исҳоқ писаронашро амр кард, халтаи тӯрро гирифта хона бираванд.

- Моҳидориро даррав бас кардед? – пурсид аз Исҳоқ мӯйсафеди Нур.

- Дигар илоҷ нест. Инспекторони рибнадзор дар атроф калхотвор гаштугузор доранд. Ба дасташон афтӣ, Худо зад. Аз моҳӣ як сӯм фоида бинӣ, сад сӯматро канда мегиранд.

- Шумо ҳам қири моҳиро ҳам мебароред – ку?

- Чӣ кор кунем? Зиндагиро пеш бурдан лозим.

Мӯйсафеди Нурро дар дил ҳаваси дидани бозори «Корвон» пайдо шуд. Матлабашро ба Исҳоқ баён кард.

* * *

Бо бунёди бозор дигаргуниҳо аллакай аз истгоҳи маркази нақлиёт оғоз мееёфт. Пеш аз ҳама истгоҳи автобусу троллейбус ба истгоҳи сабукравҳои ҷониби водиҳои Вахшу Кулоб раванда, табдил ёфтааст. Нақлиёти ҷамъиятии мусофирбар чун меҳмони пеши остонаи дар аз миёни сабукравҳои шахсӣ базӯр роҳ мееёфт. Пушти истгоҳро бошад, маршруткаҳо забт кардаанд.

Соҳибони хонаҳои шахсии қади роҳ бо «шарофат» - и бозор соҳиби кор шудаанд. Ҳар кадом пеши дарвоза ё деворро шикофта дукончаву ошхона, устохонаву ҳоҷатхона сохтаанд. Ҳар кас чизеро хоҳад, ҳамонро мекунад. Канори роҳ мизе гузошта, санбусаву чалпак мепазанд. Болои аробачаҳои худсохт ҳар гуна зарфҳоро гузошта, оби газноку шарбати мева мефурӯшанд. Мардум



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

қад – қади роҳ ҳама чизро савдо дорад. Меваю сабзавот, кабудӣ, нон, чакаву ҷурғот ва ғайра.

Боре Бахтиёр пеши ӯ шикоят кард, ки дар мактаб барои гузарондани таҷрибаҳои кимиёву физикӣ колбадҳои махсус намерасад. Ҳамаро ба яғмо бурдаанд. Зарфҳои махсусро мӯйсафеди Нур қади роҳи бозор хеле зиёд дид. Болои аробачаҳои оби газноку шарбати мевафурӯшӣ.

- Амакӣ, ароба!

Сар бардошта, мӯйсафеди Нур ҷавонеро бо аробаи пурбор рӯ ба рӯяш дид. Аз сару рӯйи ҷавони аробакаш арақ мешорид. Сару либоси кӯҳнаву дарида, ҷисми харобу лоғар. Чеҳраи сармо лесидаву дар офтоб сӯхта. Рикшаи таппа – тайёр.

Ҷавон ба хотири зер накардани мӯйсафед аробаро базӯр боздошта буд. «Барои рӯз гузаронӣ ба чӣ корҳое, ки даст намезананд, - аз паҳлӯи ҷавон фикркунон гузашт мӯйсафеди Нур. – Шояд ӯ ҳам мисли Бахтиёр омӯзгор бошад…»

Дар даромадгоҳи бозор одам меҷӯшид. Ҳамагӣ чанд қадам дарун ниҳод, ки гурӯҳи наврасон ӯро дар иҳота гирифтанд. Исҳоқ ҳушёрӣ кард. Дарҳол наврасонро аз гирди мӯйсафед дур карда, бо онҳо дар мунозира шуд. Марди миёнсоле омада ба мунозираи онҳо ҳамроҳ гашт. Лаҳзае дар гӯшае бо ҳам чанд сухан раду бадал карданд.

- Duздбачаҳоро дидӣ? – баъди пеши мӯйсафеди Нур омадан пурсид Исҳоқ.

- Не…

-Ҳозир иҳотаат карда буданд – ку? Агар намебудам, кисаҳота холӣ мекарданд. Одами баъд омадагӣ милиса. «Криша» - и дуздбачаҳо. Ягон кас даст гирад, бо баҳонаи отдел бурдан халосшон мекунад.

Ҳамроҳи Исҳоқ бозорро хуб тамошо кард. Даруни биноҳои нимободи корхонаи нотамом дуконҳои тиҷоратӣ сохтаанд. Илова бар он, рафу айвони бешумор. Сели одамӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар рафтуо. Шири мурғро ҳам ёфтан мумкин. Дар китфи бисёриҳо борхалта. Инҳо тоҷирони аз маҳалҳо омада. Молро яклухт харида, пас дар маҳалҳо болояш нарх гузошта, савдо мекунанд.

- Бозор чӣ хел? – баъди тамошо пурсид Исҳоқ.

- Барои одами пулдор ҷойи хеле хуб.

Онҳо ба истгоҳи автобус омаданд.

- Инҳо барои чолу кампири мо, - ҳини ба автобус савор шудан як миқдор пул ва буғчаеро ба дасти мӯйсафеди Нур дод Исҳоқ.

Автобус ба роҳ даромад. Исҳоқ аз берун ҷонибаш дастафшонӣ дошт. «Бачаи ба меҳру одамдӯст. Ин хел одамҳо бисёртар мебуд, олам гулистон мегашт», - меандешид мӯйсафеди Нур.

Вай мулоқоти худро бо мансабдори вазорат ба ёд овард. Ба фикри ӯ, одамон алҳол худбину бетараҳҳум, ҳатто бадҷаҳл шудаанд. Шояд ҳамаи ин аз рӯзгори вазнин бошад. Лекин ҳамин тавр рафтан гирад, писар падарро дигар бепул, ҳатто пиёлаи об нахоҳад дод.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БОБИ III

Тавқӣ чи кор карданашро намедонист. Қариб девона шуда буд. Ҳар қадар зӯр мезад, Нигора гапашро гӯш намекард. Аз вай тамоман рӯ гардонда буд. Дид, ки намешавад, қарор дод шабона ба ҳавлии Нигора биравад. Гарчи Барфак кушода бошад ҳам. Меравад, то коми дил ҳосил бикунад.

Моҳтоб шомхӯрда бошад ҳам, атроф дида мешуд. Ин табъи дили Тавқӣ. Равшании  аз ҳад зиёд лозим нест. Вай дар ҳота даромадгоҳи махсус дошт. Ҳар гоҳ пеши Нигора мемад, аз он ҷо ворид мегашт. Ҳоло бошад даромадгоҳ маҳкам.

Аз болои девор қатори хоку кулӯхпораҳо шорида оҳиста поин фаромад. Ҳама ҷо шинос. Танҳо ин дафъа касе интизораш нест.

Дилаш каме ҳарос дошт. Ва тез – тез мезад. Дуздвор ба хона наздик шуд. Вақтҳои пеш паси тиреза, даруни ҳуҷра Нигора интизораш меистод. Танҳо. Тифлон бо хушдоманаш дар ҳуҷраи дигар мехобиданд. Ҳоло бошад ӯ ҳам назди онҳо хоб аст.

Пушти тиреза истода Тавқӣ чи кор карданашро намедонист. Ба тиреза панҷа задан, корест беҳуда. Хост қафо баргашта назди тирезаи дигар биравад. Аз пушт ғурроси начандон баланд ба гӯшаш расид. Беихтиёр қафо нигариста дар масофаи начандон дур Барфакро дид. Ҷон аз дасту пояш баромад.

Барфак саги бақуввати чупонӣ, серпашми сап – сафед. Даҳонашро инҷкунон нигоҳи душманонае дошт ҷонибаш. Тавқӣ худро ба девор часпонда, қафонокӣ чанд қадам



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ниҳод. Барфак низ. Тавқӣ ба қафо нигариста масофаи ҷойи исташро то девор ба чашм чен кард. Масофаи начандон дур. Вале аз дасти ин балои Худо раҳо ёфтан багумон.

Якбора рӯ ҷониби девор гардонда давид. Бо тамоми қувва. Чунон давид, ки боре дар умраш ин хел надавида буд. Ҷонсарак хез зада, ду даст болои девор ниҳод. Худро боло гирифту он тараф партофт.

Ҳарчанд зӯр зад, давид, вале Барфакро гӯл зада натавонист. Ҳине ки Тавқӣ худро қариб болои девор мегирифт, Барфак ба ӯ расид. Барфак ҳам боло ҷаҳид. Ва ба як тарафи думбаиТақӣ дандон зад. Дандони чуқур. То худро он тарафи девор партофтани Тавқӣ танаи девор из монд. Изи хунин.

Пагоҳи рӯзи дигар изи хунинро Нигора дида монд. Ва ҳеҷ фаҳмида наметавонист, ки аз куҷо пайдо шудааст, он. Дар атроф сабабгори асосии пайдоиши из, Барфак гаштугузор дошт. Лек забон надошт, ки воқеъаи рухдодаро ба Нигора ҳикоят бикунад. Танҳо дум меҷунбонду халос.

* * *

Захми бардошта Тавқиро маҷбур сохт чанд муддат бистарӣ хобад.

Масъулияти эшони Саидҳодӣ ва муридаш мӯйсафеди Нур афзуд. Лозим меомад пахтазорро натанҳо обёрӣ кунанд, илова бар он ба нашъунамои ниҳолҳо, хусусан кори деҳқонзанон назорат намоянд.

Мавсими сарчинкунии ниҳолҳо фаро расид. Барои пешгирии паҳншавии ҳашарот эшон маслиҳат дод, деҳқонзанон пешдоман банданд. Ва сарчинҳоро берун аз қитъаҳо таги хок намоянд. Зеро қимати доруводи заҳрогин ниҳоят гарон ва дастнорас буд он. Ҳамин тавр кори саҳро бонизом пеш мерафт.

Тавқиро газидани саг бошад, ба ҳар ҳол байни аъзои бригада овоза шуд. Ин ҳам бо айби зани худаш. Садбарг

ӯро дар кӯча дида, аз бемории Тавқӣ пурсон шуд. Вай бошад асли корро пӯкида монд.

- Ҳа, дугоначон, нағз ҳастӣ, хуб ҳастӣ, кудакот ҳама саломатанд? – гӯё сад сол бо ҳам дугонаи чонӣ бошанд, гарму чӯшон пурсупос кард ӯро Садбарг. – Шавҳарут меган касал шидай, кори саҳро намебароя?

Пакана, ки аз ишқбозии шавҳараш каме огаҳӣ дошт, дарҳол ба ҳасрат даромад.

- Руш дар гур, и Тортанака. И бетавфиқа саг газидай.

- Саг газидай? – ҳайрон шуд Садбарг.

- Ҳова. Шав пеши кадом занаки дар дашт монда рафтай, ки саг ай кунуш газидай.

Чашмони Садбарг аз шодӣ барқ зад. Вале сир бой надод. Зани Тавқӣ бошад, ҳамоно аз болои шавҳараш шикоят дошт.

- Худо зад,  беимона, - беист гап мезад зани Тавқӣ. – Бероҳа гашт, сазоша дид. Ай изоша даруни хона шиштай. Берун намебароя.

- Дугоначон, ай кучо фаҳмидӣ, ки саг газидаюш? – хандаашро базӯр пинҳон дошта, боз ба пурсуков даромад Садбарг.

- Худум дидум. Пайи дандони сагай.

- Оббо, кори хуб нашуд, - худро ғамгин вонамуд сохт Садбарг.

- Не – е, дугоначон, кори хеле хуб шуд. Сазоша дид.

- Ҳоли акай Тавқӣ кори саҳро баромаданӣ нест?

- Ай кучо донум.? Мурдаша нав партофтай. Хестануш ҳоли номаълум.

Садбарг аз таги дили зани Тавқӣ хуб даромад. Пурсукоб кард. Бисёр гапҳоро фаҳмида гирифт. Сипас хайрухуш кард.

Рузи дигар мавзӯъи асосии гуфтугӯйи деҳқонзанон Тавқиро газидани саг шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

- Хунасухта, ба сари кира рафта боша? – гӯё фол медида бошад, бо хуб гап мезад Арӯс.

- Хонаи касе, ки рафт сазоша дид, - посухаш дод Ойиша. – Минбаъд қадамша дониста мемона.

Ба гуфтугузори ҳамкорон танҳо Нигора ҳамроҳ намешуд. Вай андеша дошт. Изи хунолуди танаи деворро ба хотир овард. Ва хулоса баровард, ки он шаб Тавқӣ ба ҳавлияш по ниҳодааст. Чун вақтҳои пеш. Вале ба ҷойи Нигора вайро Барфак «пешвоз» мегирад. Ноаён дар лабонаш табассум дамид. Ба ҳамкорон ошкор накард. Танҳо дар дил Барфакро аҳсант гуфт.

* * *

Аз он рӯзе, ки Савлатшоҳ ба ҷӯйи Шодоб афтоду Садбарг бо ҷамъи ҳамкорон наҷоташ доданд, як моҳ гузашт. Ин муддат дар пайроҳа ӯро касе надид. Ва инак боз пайдо шуд. Ин дафъа сӯйи шаҳр мерафт. Дар китфаш кулвори сафарӣ овезон. Аз қафояш Арӯс кӯдаки ширмак дар бағал. Вай имрӯз ба кор набаромада буд.

Чун як моҳ пеш аҳли бригада боз дар замини паҳлуи Шодоб кор мекард. Онҳо ниҳолҳоро сарчин доштанд. Дар пайроҳа пайдо шудани Савлатшоҳро ҳама баробар дида, беихтиёр аз кор бозистоданд. Вай низ онҳоро дид. Нигоҳи ҳамагонро сӯйи худ дида, аз роҳравӣ бозистод. Чун як моҳ пеш боз дасташро рост кард.

- Духтаро, боз Расия равонум, - ба деҳқонзанон мурoҷиаткунон гуфт ӯ. – Ёдатон боша ваъда додум, ки нушидана бас мекунум. Ана, партофтум. Боз ваъда метум, ки дар Расия ҳалол меҳнат мекунум. Ба хотири кудако. Насиб боша, авввали зимистон гашта меоюм. Арусу кудакора аввал ба Худо месупорум, баъд ба шумо. Ай ҳолшон бохабар шуда истен. Садбарги чун, хоҳарум, вақте ки омадум барои ту як либосвории пеши бозора мехарум.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз суханони охирини Савлатшоҳ деҳқонзанон табассум намуданд. Садбарг ҳам. Арӯс бошад бо нӯги остин оби дидагонашро пок кард. Садбарг ба сухан даромад:

- Акай Савлатшоҳ, пеши фарзандот соқу саломат биёйӣ, барои мо ҳаминаш бас. Ай ваҷҳи кудакот ташвиш накаш. Худамон доимо бохабар шуда меистем. Лекин ай худут илтимос, ин дафъа номус карда меҳнат кун.

- Мард ваъда, ки дод, бояд вафо куна. Хайр, хоҳаро, паноҳтон ба Худо. Дар ҳақум дуъо куне, ки корум дар ғарибӣ барор гира.

Савлатшоҳ инро гуфта хост ба роҳ дарояд. Дид, ки Арӯс ҳам аз қафояш нийяти рафтан дорад. Ӯ мехост Савлатшоҳро то истгоҳи беморхонаи вилоятӣ гусел намояд. Савлатшоҳ монеъ шуд.

- Не, ҷонакум, ту ай ҳамин ҷа қафо мегардӣ. Бо кудаки майда худата азоб нате. Инро гуфта мисли низомиён ба роҳ даромад. Ҳама хомӯш то аз назарҳо ғойиб шудан аз қафояш нигаристанд. Дар чашмони ҳама ашк пайдо гашт. Қариб шавҳари ҳама имрӯз аз ватан дур. Дар ғарибиянд.

* * *

Кампири Роҳила яке аз кӯҳансолони деҳаи Гулистон ҳисоб меёбад. Ҳамагӣ як фарзанд дорад ӯ. Писаре бо номи Маҳбуб. Солҳои пеш вай дар яке аз идорҳои бинокорӣ ба сифати муҳандис кор мекард. Баъди ҷанги шаҳрвандӣ дар водии Вахш бемории вараҷа авҷ гирифт. Ҳамсари Маҳбуб ҳам мубталои ин дард гашт. Як ҳафта беморӣ кашиду аз олам даргузашт.

Дар гирдоби шадиди бӯҳрони иқтисодии кишвар Маҳбуб низ бекор монд. Ночор барои рӯзгузаронӣ Русия рафт. Мутахассиси соҳибмаълумоту соҳибтаҷриба, ки буд, ҷойи кор ёфт. На чун бисёриҳо мардикор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Фарзандонро ҳам хост пеши худ барад. Модар розӣ нашуд. Он ҷо, дар кишвари ғайр расму русуми бобоиро фаромӯш карда, бегона шуда мемонанд. Чунин буд, далели бибӣ барои набурдани наберагонаш. Фарзандони Маҳбуб ҳамин тавр, бо бибӣ монданд. Маҳбуб пайваста ба модар ва фарзандон кумаки моддӣ расонда, аз ҳолашон бобабар шуда меистад.

Гулчеҳра, набераи нахустини кампири Роҳила мактаби миёнаро хатм кард. Дар дил меҳри духтур шуданро мепарварид. Ниййят дошт, ки ҳуҷҷатҳояшро ба донишкадаи тибӣ супорад. Директори мактаб омӯзгори кӯҳансол Муртазои Ракиб аз ниййяти хонандаи аълохонаш воқиф гашт. Ба вай маслиҳат дод, ки аз квотаи президентӣ истифода барад.

Омӯзгори кӯҳансол хуб медонист, ки дар ин асос аз ноҳияашон ҳар сол чор – панҷ духтар ба макотиби олӣ дохил мешаванд. Вале, асосан духтарони мансабдорон. Зеро маҳз ҳокимони ноҳия ҳалли ин масъаларо ба дӯши худ гирифтаанд. На шӯъбаи маориф. Роҳбарони ноҳия бештар фарзандони худ ва наздиконашонро аз рӯйи квота ба хондан мефиристанд.

Муртазои Ракиб ба шогирдаш инчунин фаҳмонд, ки ягон нафари обрӯмандро ёфта восита намояд. Он кас назди ҳоким рафта, розигии ӯро ба даст орад. Дар он сурат Гулчеҳра бе супоридани имтиҳонот ва дигар ташвишҳои зиёдатӣ метавонад донишҷӯ шавад.

Чун ин суханонро Гулчеҳра аз устодаш шунид, пеши бибияш кампири Роҳила арзи дил кард. Ва боисрор хоҳиш намуд, ки бибияш ёрӣ расонад. Кампир ҳайрон монд. Киро восита намояд? Ягона шахси обрӯманд Муртазои Ракиб ба ин кор розӣ нашуд. «Хӯҷаинҳои ноҳия одамони наву аз дигар маҳалланд. Маро на писанд ва на гапамро гӯш мекунанд», - гуфт вай.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба ёди кампири Роҳила эшони Саидҳодӣ ва мӯйсафеди Нур расид. Аз ин ду нафар якеро истифода бояд бурд. Кампир хеле андешид. Эшонро истифода барад, ҳокимон мабодо нисбаташ беҳурматӣ кунанд. Хуб намешавад. Мӯйсафеди Нур лозим ояд, гапашро ҳатман мегузаронад.

Саҳари рӯзи дигар кампири Роҳила дари хонаи мӯйсафеди Нур омад. Ӯро наёфт. Кампираш гуфт, ки дар саҳрост. Вай нимрӯзиро нигарон нашуда, рост саҳро рафт. Пиру муридро ҳини обмонӣ дарёфта, матлабашро баён кард.

- Фарзандони мо хонда, ҳунар ёд гиранд, ин ҳам обрӯйи мост, - гуфт эшони Саидҳодӣ.

Мӯйсафеди Нур ваъда дод, ки пас аз нимрӯзи ҳатман маркази ноҳия хоҳад рафт.

* * *

Қарибиҳои аср ба маркази ноҳия расид. Дар қабулгоҳи раиси ҳукумати ноҳия котибаи резапайкар болои коғазҳо сар хам, чизеро рӯбардор мекард.

- Духтарам, пеши раис даромадан мумкин? – пас аз салом пурсид мӯйсафед.

- Як дам шинед, - гуфт котиба. – Он кас сӯҳбати телефонӣ доранд. Омадани шуморо мерасонам. Агар розӣ шаванд, марҳамат.

Вай болои курсии мулоим нишаст. Вале худро ноҳинҷор ҳис мекард, дар чунин ҷойи бароҳат. Барои ӯ, деҳқони хокпоши ба саҳро одат карда, болои сабзаи лаби ҷӯй аз ҳама чиз беҳтар. Ба назараш чунин менамуд, ки роҳбарони ҳозира карру фарро бағоят дӯст медоранд. Ҳатто ҳуҷраи котиба бо ҷиҳози гаронқимат ороста шудааст.

Дар курсӣ нишаста, раиси хоҷагияшон Раҳимбоборо ба ёд овард. Солҳои шастум ва ҳафтодуми қарни пешин раисии хоҷагиро бар дӯш дошт. Одами хоксоре буд. Дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳуҷраи корияш як мизи кӯҳнаи болояш бо матоъи сабз пӯшида ва чанд адад курсӣ меистоду халос. Ҳине ки аз дунё гузашт, раиси нав аввалин коре, ки кард ҳуҷраи кориро тамоман тағйир дод. Чун ҳокимони имрӯза.

Дари ҳуҷраи кории раиси ноҳия нимроғ буд. Бо овози баланд сӯҳбати телефонӣ дошт. Суханонашро мӯйсафеди Нур баръало мешунид. Сӯҳбат сари мавзӯъе мерафт, ки ӯ маҳз барои ҳалли ин масъала пеши раис ташриф овардааст. Раис бо кадом шиносаш гуфтугӯ дошт. Сӯҳбаткунон гоҳо механдид.

- Мо ин масъаларо кайҳо ҳал кардем, - мегуфт раис дар гӯшаки телефон. – Киро дар асоси квота фиристодем? Яктояш духтари худам, дигараш аз ҷонишин. Сонӣ аз они прокурор. Чӣ? Ҳ е – е, духтарони мардуми авомро ҷиву хонданашон чӣ? Аввал духтарони калонҳо хонанд. Масъалаи ҳисобот? Ҳеҷ гап не, духтарони мардуми одӣ менависем, ҷон халос. Касе пайи ин масъала намегардад.

Сӯҳбати телефонӣ анҷом ёфт. Котиба назди раис даромад. Баъди лаҳзае берун омада, дарро калон кушод. Бо имои сар ӯро таклифи даромадан кард. Мӯйсафеди Нур лаҳзае дудила шуд. Сипас бо қадамҳои устувор вориди утоқи кории раиси ноҳия гашт.

Раис одами нав буд дар ноҳия. Марди чорпаҳлуи пуррабадану бовиқор. Ба хотири мӯйсафед аз ҷо нахест. Вале дасташро барои вохӯрӣ дароз кард. Кафи шахшули мӯйсафед магар нороҳаташ кард, ки онро тез қафо кашид.

- Додар, ба як масъала пеши шумо омадам, - баъди нишастан матлабашро баён кард мӯйсафеди Нур.

Раис ӯро бодиққат гӯш кард. Болои миз бо нуги хома чанд маротиба тиқ – тиқ зада монд.

- Ин масъала аллакай ҳал шудагӣ, - ниҳоят гуфт вай. – Андак дер кардед. Соли дигар барвақт биёед, мумкин.

- Ягон илоҷ нест? – тан додан намехост мӯйсафеди Нур.

- Нест.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Раис мехост аз мусоҳибаш тез халос шавад. Вай бошад, шитоб надошт. Сӯҳбати телефонии навакак анҷом додаи раис ба ёдаш расид.

- Фарзандони шумо, калоншавандаҳо хонанд  мумкину аз мардуми авом не. Ҳамин тавр? – рост ба чашмони раис нигариста, бебокона пурсид ӯ.

Раис лаҳзае дасту по хӯрд. Вале зуд худро ба даст гирифт.

- Гапатонро дониста занед! - омирона гуфт раис. – Дар куҷо буданатанро фаромӯш накунед!

- Ман – ку фаромӯш накардаам. Лекин шумо…

Мӯйсафед Нур давоми суханашро нагуфта аз ҷо бархост.

- Рафта ба қабули президент, ки даромадам дар куҷо будани худи шуморо ба ёд меорам, - сӯйи дар роҳ гирифта гуфт вай.

Суханони мӯйсафед ба раис, аз афташ таъсир кард, ки овозаш дод. Чанд маротиба. Вай бошад, гӯё нашунид. Дарро башаст пӯшида баромада рафт.

Рӯзи дигар, саҳари барвақт  як нафар масъулини ноҳия савори сабукрав деҳа омад. Директори мактаб Муртазои Рақиб ва Гулчеҳраро бо ҳуҷҷатҳояш гирифта Душанбе бурд. Рӯз бегоҳ нашуда, онҳоро ба деҳа овард. Гулчеҳраро ба донишкадаи тибӣ номнавис карданд. Вай донишҷӯ шуд. Бе супоридани имтиҳонот. Масъала ҳалли худро дар як рӯз ёфт. Кампири Роҳила дар ҳақи мӯйсафеди Нур танҳо дуъои нек мекард.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БОБИ IV

***Турнаҳакум паридай лонам холияй,***
***Дилум сиёҳ, рангум зард мисоли шолияй…***

Садбарг ниҳолҳои пахтаро сарчинкунон байти болоро замзама дошт. Ба овози на он қадар шунаво. Гӯё танҳо барои худ мехонд. Овозаш маҳзун. Сурудхониро бас карда оҳи сард кашид. Ойиша, ки нисбати дигарон ба ӯ наздиктар буду сурудашро баръало мешунид, овозаш дод:

- Апай Садбарг, ай афтуш паҳлавонта ёд кардӣ – чӣ?

- Ёд кардум, хоҳар, сахт ёд кардум. Хок ба сари рӯзи ногузар. Набоша намемондум, ки ай пешум як қадам дур шава.

Инро гуфта Садбарг аз нав оҳи сард кашид. Чунин рӯзгору зиндаҷудоӣ Садбарги батоқатро ҳам дар гирдоби хеш кашида буд. Ва ӯ ҳасрати дил мекард. Ойиша мекӯшид каме ҳам бошад, тасаллояш бахшад.

- Дилата беҳуда зиқ нагир. Як паҳлавони ту тоқа дар ғарибӣ нест – ку? И руз ба сари ҳамара омадай.

- Медонум, ба сари ҳамара омадагияй. Агар тоқа мешуд, ай афтуш девона мешудум. Лекин паҳлавонум дигарай. Понздаҳ сол бо ҳам зиндагӣ дорем. Гапи баланд як тараф иста, ақаллан сунум кач нигоҳ накардай. Барои ҳамин ҳар гоҳе ба ёдум мераса, сахт зиқ мешавум.

Онҳо ба лаби мазраъ расида, барои дамгирӣ болои суфаи таги дарахтони лаби ҷӯй баромаданд. Дигарон низ ҷӯякҳоро паси ҳам сарчин карда, наздашон меомаданд. Сӯҳбат ҳамоно атрофи танҳоию хонаҳои бесаробон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мерафт. Арӯс хост риштаи суханро дигар су кашад. Шӯхиомез гуфт:

- Духтаро, мегум ақаллан як бор акай биргада хабаргирӣ нарафтем. Хубай, гандаҳай роҳбармунай.

Ойиша пиқ – пиқ хандид. Нигора табассум кард.

- Руш дар гур, и хели роҳбара, - бо зарда гуфт Сайлӣ. – Мемура дар як ҷо қарор иста. Шаво хонай кадоме зада медарояву шона боз хабар гирифтан даркор…

- И хел нагу. Наход одам дар ҳақи роҳбаруш гапой қупал бизана. Чӣ гуфтӣ, апай Садбарг?

Дар лабони Садбарг ҳам табассум дамид. Андӯҳи дилаш аз гуфтугӯйи ҳамкорон каме сабук гашт.

- Хабар гирифтан лозим. – гуфт вай. Вале фурсати давом додани суханашро наёфт. Арӯс боз гап даромад.

- Ана, дидӣ? – ба танбеҳи Сайлӣ пардохт ӯ. – Ту бошӣ, корат фақат хойида партофтан.

- Лекин метарсум, ки рафта бечораро шарманда карда мепартоед, - давоми суханашро гуфт Сайлӣ.

- Чӣ хел? – қариб бо як овоз пурсиданд ҳамкорон.

- Ҳамин хел. Шумо он қадар одами хуб нестен. Акай биргад чӣ гап шуд? Чӣ газид, барои чӣ газид? Хулоса, ай ҷон безор мекунеш. Ана баъд овозаву дарвоза. Барои ҳамин хубуш, наравен.

Ҳама тӯтивор ба гап даромад. Вале ба хулосае наомаданд, ки раванд ё не?

* * *

Баъди ду ҳафтаи бистарӣ ниҳоят Тавқӣ ба кор баромад. Каме гӯшт ҳам партофта буд. Одами хароб боз ҳам бориктар менамуд ба назар. Дарак ёфт, ки аз моҷарои ба сараш омада, аъзои бригада бохабаранд. Аммо чӣ тавр? Ҳарчанд сари ин масъала фикр кард, ҳаллашро наёфт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳавсалаи бо деҳқонзанон рӯ ба рӯ шудан надошт. Илоҷе карда нешаш хоҳанд зад.

Ба моҷароҳои ба сараш омада, нигоҳ накарда, оташаки меҳр нисбати Нигора ҳамоно дар дилаш шӯъла мезад. Мехост дар танҳоӣ бо ӯ вохӯрда, рози дил гӯяд. Шояд мисли пештара Нигора ба вай рӯйи хуш диҳад.

Вай хатои худро фаҳмид. Фаҳмид, ки аз қафои ҳар кас овора шудан хубӣ надорад. Умуман вақтҳои охир кораш чандон омад накард. Бо дӯсти қаринаш маслиҳат намуда, хостанд аз фурӯши нурӣ даромад калон ба даст оранд. Нашуд. Милисаҳо аз куҷое хабар ёфта, мошинро дар роҳ боздоштанд. Ба ҳар ҳол Шокир аз об хушк баромад. Хайрият, бор ба хонаи Тавқӣ нарасид. Вагарна ба вай ниҳоят душвор шуда мемонд. Ба кашмакаши милисаҳо намеандохтанд ҳам, аз вазифаи сарварӣ ҳатман маҳрум мегашт. Ин ҳам як ҷазои сахт барояш ҳисоб меёфт.

Дар ҷодаи ишқбозӣ бошад, Нигора аз вай рӯ гардонд. Аз қафояш хуб такудав кард. Бенатиҷа. Бе даъват шабона хонааш рафт. Саг газид. Хулоса нокомиҳо паси ҳам. Акнун мехст ба ҳамаи ин хотима бахшад. Нийят дошт, ки пеш аз ҳама бо Нигора риштаи кандаи ошноиро бипайвандад.

Вақтҳои наздик мебоист ба деҳа кумаки башардӯстона расад. Аз ҳисоб он Тавқӣ бояд фоида ба даст орад. Фоидаи калон. Ҳамааш дар дасти ӯст. Аз ҳар ойила ҳамагӣ як нафарро ихтисор созад, кифоя.

Дар саргаҳи замин пайдо шудани Тавқиро деҳқонзанон гӯё пайхас накарданд. Худро нодида вонамуд сохтанд.

- Духтаро! Мегум, акай биргад сиҳат шудаву кори саҳро баромадай? – қадре овоз баланд кард Садбарг.

- Ро – ост? Ҷой саггазида сиҳат шуда боша?

Ин овози Арӯс. Суханони ҳардуро Тавқӣ баръало шунид ва ба худ печид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Ҳоли хуб лаққидан гиред, лаънатиҳо! – ғур – ғуркунон гуфт вай. – Помош, ки омад баъд мебинем, кӣ механдад? Пеши поҳом наафтед, намемонум.

Вай поёни қитъа рафт. Дур аз аъзои бригада худро андармони муоинаи кори онҳо кард. Дар дил бошад, бо Нигора илоҷи ҳамсӯҳбат шуданро меҷуст. Мехост дилашро ёбаду чун пештара коми дил ҳосил созад.Дар акси ҳол…

Вай акси ҳолро тасаввур карда наметавонист. Атрофи деҳқонзонон бештар тор метанид.

Ҳангоми сарчин кардан ҷӯяки навбатӣ Нигора аз дигарон қафо монд. Инро Тавқӣ пай бурд. Дарҳол худро ба шохоби миёни қитъа гирифт. Нигора ба шохоб расиду Тавқӣ пешаш ҳозир гашт.

- Нигора!

Ба назари худи ӯ овозаш бегона намуд. Нигора ба нидои ӯ аҳаммийят надод. Хост корашро идома диҳад.Тавқӣ сари ҷӯякаш истод. Нигора рост ба чашмони ӯ нигарист.

- Одам ин хел намешава. – ба гап даромад Тавқӣ. – Гуноҳе накардаму фукатро дигар сун тофтӣ.

Тавқӣ хеле дил холӣ кард. Нигора бошад  бо чеҳраи сард, ҳайкалвор гуфтаҳои ӯро мешуниду дам намезад.

Тавқӣ пиндошт, ки суханҳояш ба ӯ асар кардаву мулоим шудааст. Вале Нигора аз паҳлуяш гузашту ба ҷӯяк даромад. Тавқӣ бетоқат шуда аз оринҷаш боздошт. Нигора бо кароҳат оринҷашро раҳонид. Ӯ дарк кард, ки ҳама гуфтаҳояш беҳудааст.

- Ду – се рӯз пас помош  меояд, - охирин умед кард ӯ. – Ҳақатро чанд маротиба зиёд мекунум.

- Ай худут ҳам безоруму ай помошут. То кай ай қафой занакой шудор медавӣ?

Охирин умеди Тавқӣ барбод рафт. Вай кафид.

- Ваҳ! То дина руза фикри шавҳар надоштию дар бағалум медаромадӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

- Надоштум, акнун мекунум. Ай паканаи худут намон. Пеши ҳамун рав.

Ғазаби Тавқӣ ҷӯшид.

- Не, то ту ҷалаба накунум, ҳеҷ куҷо намерам!

Тавқӣ худро ба Нигора расонду аз пушт оғӯшаш гирифт. Ва ҷониби шохоб кашола кард. Вале дар ҷояш шах шуда монд. Даруни шохоб ду даст дар миён Садбарг рост меистод. Нигораро сар дода ба шохоб баромад. Кашидаву кушода шаппотии сахте ба баногӯши Тавқӣ фаровард Садбарг. Вай калавида қариб ба замин афтид.

- Хайр... - гӯён дандонҳояшро бо ҳам совиду аз он ҷо шудан гирифт.

* * *

Ба Гулистон кумаки навбатии башардӯстона омад. Арафаи соли нави хониш, инчунин барои фарзандони мардуми камбизоат сару либос ҳам тақсим карда мешуд. Омадани кумакро пеш аз ҳама Тавқӣ бесаброна интизорӣ дошт. Кумак барояш калтаке буд, болои сари мардум дар дасташ. Хусусан барои онҳое, ки нисбаташ нописандӣ мекарданд.

Чун кумак омад Тавқӣ шукуфт. Нийят дошт пеш аз ҳама Нигораро мавриди интиқом қарор бидиҳад. Ӯро аз рӯйхат тамоман хат зад. «Зӯраш, ки омад, худаш давида меояд», меандешид ӯ. Чи кор карданашро он гоҳ Тавқӣ медонад. Коре мекунад, ки пеши пояш ба зону афтад. Вале сӯяш нигоҳ нахоҳад кард. Дигар нисбаташ меҳру шафқат надорад. Танҳо бадиро ба ӯ раво мебинад. «Ай зани паканаи худут намон.» Гапа бин – е. Э, ту ҳоли ба собуни Тавқӣ ҷома нашустайӣ, занаки ҳапалак. Ҳоли кунта мурча нагазидааст. Тавқӣ чунонат мекунад, ки бе дойра ба рақс медаройӣ.»

Хирманҷо миёни деҳа ҷо гирифтааст. Хурду калони гулистонӣ он ҷо гирд омадаанд. Мардум мебоист кумак



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гирад. Молу озуқаи зиёд дар хирманҷо ғарам чида шудааст. Овози Тавқӣ баланд садо медод. Атрофаш чанд нафар ёрдамчӣ мӯрчавор гаштугузор ва гӯш ба фармони ӯ доштанд. Чун лашкаркаш фармон медод. Ҳар гуфтааш бе қилу қол иҷро мегашт.

- Ҳозир рӯхатро мехонанд, - овоз дод ӯ. – Касе, ки номаш ҳаст, омада ҳақша мегира.

Ҳозирон ба ҳам бо ҳайрат нигаристанд. Маълум, ки ин дафъа на ҳама дар рӯйхат аст. Аксар ба изтироб афтод. Ин сағира нағмае эҷод кардааст!

Сарҷамъ дар гӯшае аҳли бригада интизори тақсимкунии кумак буданд. Суханони охирини Тавқӣ чун дигарон онҳоро ба ҳайрат нагузошт. Хуб медонистанд, ки саркорашон аз бисёриҳо ба ин васила қасд гирифтанист.

- Номат дар рӯйхат нест, - ҷониби Нигора нигариста дилпурона гуфт Садбарг.

Вай ғамгинона дида ба замин дӯхта, бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Ва оҳи сард кашид.

- Даррав бинита кашол накун, - китфонашро оғӯш гирифта тасаллияш дод Садбарг. – Мардума гов хиёл кардай. И Тортанака дар пустуш каҳ ҷо мекунем.

Ёрдамчиёни Тавқӣ аллакай ба тақсимот шурӯъ карданд.

- Ку, коғазта и тараф те, - рӯйхатро аз дасти як нафар ёрдамчӣ чанг зада гирифт Садбарг.

Тавқӣ бо чашмони ало сӯяш нигоҳи сард афканд. Вале чизе нагуфт.

- Нагуфтум, номи ту нест, - рӯйхатро пеши чашмони Нигора овард Садбарг. – Ҳақи мо ҳам кам шидай.

Садбарг рӯ ба рӯйи Тавқӣ омада истоду бо ғазаб пурсид:

- Барои чи номша хат задӣ?

- Рӯйхата дар боло тартиб додаанд, - ба Садбарг нанигариста гуфт ӯ. – Кори мо фақат тақсимот.

- Рут сиёҳ! Ҳамаш кори худат!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дигарон диданд, ки Садбарг бо саркор мунокиша дорад, шерак шуданд. Рӯйхат даст ба даст мегузашт. Тақсимот қатъ ёфт.

- Хоҳед гиред, нахоҳед, аз ҳаминаш ҳам мемонед! – омирона нидо кард Тавқӣ.

Ӯ ба ёрдамчиёнаш амр кард, рӯйхатро гирифта тақсимотро идома диҳанд. Вале дигар касе ҳавсалаи мол гирифтан надошт. Норозигӣ меафзуд.

Ду мошини сабукрави хориҷӣ қариб беовоз рӯйи хирманҷо омада қарор гирифт. Аз дохилашон ашхоси тамоман ношинос берун шуданд. Ҳама либосҳои тозаву озода пӯшида, дар гардан галстукхо овезон. Байнашон як нафар ҳабаш айнаки сиёҳ ба чашм дошт. Аз афташ, калонашон ҳисоб меёфт, ки миёни дигарҳо қадам мезад. Деҳотиён онҳоро бори аввал медиданд ва намешинохтанд. Ба ҷуз Тавқӣ.

Онҳоро диду ранги рӯяш канд. Вале сир бой надод. Дарҳол пеш рафта бо онҳо вохӯрӣ намуд. Ҳабаш бо ӯ дар сухан шуд. Вай бо забони тозаи тоҷикӣ ҳарф мезад. Оромона ва ботамкин. Ҳини сухангӯйӣ гоҳо табассум мекард. Дандонҳои садафвораш намуда меистод. Тоҷикӣ ҳарф задани ӯро шунида, Садбарг дасти Нигораро гирифта кашолакунон пеши ҳабаш овард.

- Акай раис, чӣ гапай? Номи ин дар рӯйхат нест. Ҳақи оилаи мо ҳам нисф навиштагӣ.

Дигарон низ ҳабашро миёнагир карданд. Ҳар якеро бодиққат гӯш мекард. Гӯш мекарду ҷониби Тавқӣ нигоҳкунон танҳо сар меҷунбонд. Ба атрофиёнаш рӯ оварда, чизе гуфт. Ду нафар ба сабукрав нишаста, қафо баргаштанд. Ним соат пас ҳамроҳи ду мошини боркаш бозгашта омаданд.

Ҳабаш эълон кард, ки то тартиб додани рӯйхати нав борҳо қафо гирифта мешаванд. Баъди се рӯз тақсимот аз нав сурат мегирад. Дар ин муддат мардум метавонад



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

вакили нав интихоб намояд. Пас аз рафтани намояндагон аҳли деҳ дар хирманҷо монд. Мебоист каси дигарро вакил интихоб намоянд, ба ҷойи Тавқӣ. Ҳама ба даҳони эшони Саидҳодӣ менигарист. Эшон нигоҳи ҳамдеҳагонро ба худ ҳис карда гуфт:

- Ба фикри ман, аз мулло Нур дида байнамон марди худотарсу покиза касе нест. Агар розӣ бошед, ҳамин каса интихоб кунем, хуб мешавад.

Пешниҳоди ӯ хушнудона пазируфта шуд. Аз интихоби мӯйсафеди Нур пеш аз ҳама деҳқонзанон шод буданд.

- Бобой Нура гап мезанум, аввал номи тура нависа, - гуфт Садбарг ба Нигора. – Пойи Тортанак ай ин ҷа канда шуд. Коре кунем, ки ай биргада ҳам канда шава.

Нигора суъоломез ба Садбарг нигарист. Вай бошад айёрона чашмакӣ заду бо имо фаҳмонд, ки сабр карда истад. Мардум нийяти пароканда шудан дошт. Ин дам Садбарг овоз баланд кард. Овози ӯ ҳамаро дар ҷояш боздошт.

- Бобой эшон, вакили нав интихоб шуд. Биргад - чӣ? Ай будани и хел роҳбар набуданаш беҳ. Намешава, ки ягон каси дигара интихоб кунем?

Аҳли бригада ба тақвияти суханони Садбарг баробар гапро сар карданд. Нигора имову чашмакзании Садбаргро ба ёд оварда, табассум кард. Эшони Саидҳодӣ аз нав ба сухан даромад.

- Интихоб кардан мумкин. Лекин калонҳои колхоз дар пушти Тавқӣ истодаанд.

- Ин тарафашро худам ҳал мекунам, - ваъда дод мӯйсафеди Нур. – Шумо ягон касро пешниҳод кунед, шуд.

- Хайр, киро интихоб кунем? Дар саҳро фақат занон каланд мезананд. Агар аз байнашон ягон кас интихоб мегашт, кори хуб мешуд. Масалан, Садбарг зан бошад ҳам, ба дасту по. Аз бисёр мардҳо боло меистад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Суханони эшонро аҳли бригада бо кафкӯбӣ пазируфтанд. Садбарг бо аломати инкор чанд сухан гуфт. Миёни шавқуни ҳамкорон суханони ӯро қариб касе нашунид. Ва аҳаммийят надод. Нигора ӯро оғӯш кашида аз гунаҳояш бӯсид. Ва табрикаш гуфт.

* * *

Пахтачинӣ босуръат идома дошт. Ба кумаки аҳли бригада мӯйсафедону кӯдакон низ ба саҳро баромаданд. Баъди сабукдӯш шудани Тавқӣ раиси хоҷагӣ ба деҳа омада, дӯғу даранг кард. Гуфт, ки бо роҳбарии зан ҳаргиз нақшаро иҷро карда наметавонанд. Суханони ӯ ба деҳқонзанон сахт расид. Аҳд карданд, ки нақшаи пахтасупориро яке аз аввалинҳо шуда ба сомон хоҳанд расонд. Алҳол бригада дар қатори пешсафон меистод.

Садбарг саркор шуду ташвишаш хеле зиёд гардид. Вақти сархорӣ надошт. Дар ин ҳолатҳо бо пирони кор эшони Саидҳодӣ ва мӯйсафеди Нур маслиҳат мекард. Ҳар ду дар мавсими ҳосилғундорӣ кори хирманро ба дӯш доштанд. Имрӯз аз идораи хоҷагӣ бо табъи хира баргашт. Ва ба маслиҳат ниёз дошт.

Ибтидои ҳосилғундорӣ дар ноҳия бо иштироки роҳбарияти вилоят машварат доир гашт. Садбарг он ҷо ҳузур дошт. Роҳбарияти вилоят ба сарварони ноҳия ва хоҷагиҳо таъкид намуд, ки пас аз ҳар даҳрӯза ҳақи меҳнати чинакчиён ҳатман дода шавад. То ба ин васила эшон ҳавасманд гашта, дар ҳосилғундорӣ боз ҳам бештар кӯшиш намоянд.

Даҳрӯзаи дуввум ҳам поён ёфт. Садбарг аз раис хоҳиш намуд, ки ҳақи меҳнати аҳли бригадааш дода шавад. Вале ҷавоби рад шунид. Ба қавли ӯ, ҳақи эшон барои истифодаи нуриҳои маъданӣ боздошта мешавад.

Садбарг ҳайрон монд. Имсол ягон зарра нурӣ истифода нашуд, дар бригада. Аз ибтидои корҳои саҳро то ҳол музди



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

меҳнатро надидаанд. Бо баҳонаи истифодаи нурӣ онҳоро аз ҳақи ҳалол маҳрум кардан аз рӯйи инсоф нест. Ҳамин гуна далелҳоро пеши раис баён кард, Садбарг. Раис бо як дағалӣ сухани ӯро бурида, нишон додан мехост, ки хӯҷаин танҳо ӯст. Ва гуфтаи ӯ хоҳад шуд. Ҳамин тавр, бо табъи хира идораи хоҷагиро тарк кард Садбарг.

Дар хирман ҳосили пахта доман густурдааст. Эшони Саидҳодӣ ва мӯйсафеди Нур панҷшоха дар даст пахтаро чаппагардон, хушкшавии онро метезонданд. Ин бегоҳ ба корхонаи коркарди пахта бояд ҳосили хушкшуда фиристода мешуд. Диданд, ки саркор сӯяшон меояду бедимоғ аст. Маълум, ки ҳақи меҳнати аъзои бригадаро гирифта натавонистааст. Панҷшохаҳоро болои пахта ниҳода, сӯйи шипанг роҳ гирифтанд. Садбаргро ҳам ишора карданд, ки он ҷо биёяд.

- Чӣ гапай ин? Доруе, ки бо чашм надидем, ҳақашро аз ҳисоби мо мегиранд? – пиёлаи чойи нӯшидаашро ба мӯйсафеди Нур бозпас дода, дар хотимаи нақлаш маҳзунона гуфт Садбарг.

Мӯйсафеди Нур пиёлаи холиро аз дасташ гирифта, «уф - ф» гуфта монд. Эшон ба андеша рафт. Ҳар се ҳайрон, чӣ кор карданро намедонистанд. Раис одами якраву худписанд. Фикри ҳеҷ касро ба инобат намегирад. Гап – гапи худаш. Пиёлаи холиро пури чой карда ҷониби эшон дароз кард, мӯйсафеди Нур. Сипас ҷониби Садбарг рӯ овард:

- Худатро беҳуда зиқ накун, духтарам. Бегоҳ ҳардуямон пахтаро ба завод бурда месупорему баъд пеши раис медароем. Гапамонро гӯш накард, ҳеҷ гап не. Меравем вилоят. Наход дар ягон ҷо гапамонро гӯш накунанд? Чӣ гуфтӣ, тақсир?

Эшон бо аломати ризо сар ҷунбонд ва гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Бисёр кори хуб мешавад. Ин беинсофҳо нуриро ба савдо мезананду боз дубора ҳақашро аз мардум мерӯёнанд. Суст омадан лозим нест.

Дили Садбарг хеле бардошта шуд. Хайрият, паҳлуяш чунин пирони ҳушманду оқил ҳастанд. Вагарна ба ӯ, як зани муштипар хеле душвор меафтод. Вай ҷониби саҳро роҳ гирифт. Саркорӣ аз ҳамкорон қадре дур кард ӯро. Илоҷ, ки меёфт пешашон ҳозир мегашт. Пешдоман баста қаторашон пахта мечид.

Тамоми атрофи қитъаҷойи бригада ва лаби ҷӯю заҳбурҳо дарахтзор аст. Асосан ниҳоли тут. Натанҳо дар бригадаву хоҷагиҳо, умуман дар тамоми водии Вахш ин ҳолатро мушоҳида кардан мумкин. Иқлими водӣ нисбати дигар манотиқи кишвар гарм ва парвариши тухми пилла барвақт сурат мегирад. Аз нисф зиёди нақшаи солонаи кишвар оид ба пилла маҳз дар ин водӣ ҷамъоварӣ мешавад. Аз ин рӯ, ба тутпарварӣ диққати ҷиддӣ зоҳир месозанд.

Тутзори бригадаро эшону муридаш шинондаанд. Хилофи қоида, ҳар ҷо – ҳар ҷо дарахтони мевадиҳандаву сояафкан ҳам дар нашъунамост. Аз нимаи баҳорон то

охири фасли пойиз деҳқонон бо меваҳои гуногуну шаҳдбор ком ширин мекунанд.

Ҳине ки Садбарг ба саҳро омад, аҳли бригада болои суфа хӯроки нимрӯзӣ тановул дошт. Барои Садбарг ҳам хӯрок ҳозир намуданд. Баъди истироҳат ҳама пешдоман баста ба саҳро баромаданд. Садбарг ҳам хост қатори дигарон ҳосил ғундорад. Нигора монеъ шуд. Ба чеҳраи Садбарг нигариста гуфт, ки ранги рӯяш коҳидааст. Шояд аз ташвишҳои саркорӣ.

- Рост? – хандида пурсид Садбарг.

- Рост. Худатро эҳтиёт кун.

Вақтҳои охир бо ҳам хеле қарин гаштанд. Садбарг пайваста нисбат Нигора ғамхорӣ зоҳир мекард. Вай аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мӯйсафеди Нур хоҳиш кард, номашро дар аввали рӯйхати кумакгирандагон нависад. Ҳақашро дучанд бидиҳад. Зеро Нигора чун дигарон ёрирасон надорад. Ҳарчанд шавҳараш зиндаву дар Русия аст…

* * *

Ба Гулистон тобут оварданд. Тобути навҷавони нуздаҳсола Мунирро. Аз Русия.

Тоҷинисо дар ҷанги шаҳрвандӣ шавҳарашро аз даст дод. То фарзандҳоро ба воя расонд, ки пичаҳояш сап – сафед шуданду ҷигарҳояш лахт – лахт. Зани чилсола ба назари бинанда панҷоҳсола менамуд.

Ду фарзанди калонӣ, ду писар Назир ва Мунир қатори дигар ҳамдеҳагон Русия мардикорӣ рафтанд. Расо як сол он ҷо монданд. Аз ҷигарбандон ба модар пайваста кумаки моддӣ мерасид. Чанд моҳ пеш Назир модару додараконашро хабаргирӣ омад.

Назири бистудусола ҷавони зебое шудааст. Модар ба ҷавонписараш менигаристу менигарист. Дар дил хоҳиши хонадор кардани писараш пайдо шуд. Бо ӯ маслиҳат кард. Қарор доданд, ки тирамоҳон ҳар ду бародар меоянду Назирро тӯй мекунанд. То он вақт модар барои гулписараш арӯси зебое кофта меёбад.

Тоҷинисо гӯё аз нав ҷавон шуд. Рӯзгораш тинҷу осуда. Ҳеҷ камбудие надошт. Маҳз бо ёрии фарзандон. Акнун кори саҳро ҳам намебаромад. Рӯзгорро саришта ва фарзандонро тарбия дошт. Шукри писарони навҷавону мададрасонашро мекард. Вале имрӯз…

Бародарон дар яке аз сохтмонҳои наздики Маскав кор мекарданд. Қатори дигар тоҷикони мардикор. Аз қазо Мунир ба дасти гурӯҳҳои навбаромади фашистии рус меафтад. Сахт латукуб мекунандаш. Дар натиҷа ҷон медиҳад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мутаассифона, имрӯз тоҷиккушӣ дар Русия як кори одию муқаррарӣ шудааст. Ин ҷо саги дайдуи кӯча, андак бошад ҳам қадр дораду тоҷик не. Ва касеро парво нест. Худо накунаду ягон рус дар Тоҷикистон бо сабабе ба ҳалокат расад. Гарчи шаҳрванди Тоҷикистон бошад ҳам. Тамом. Ҳамаро ба по мехезонанд.

Тоҷики бечора ба ҳамаи бедодгариҳо хомӯш аст. Вай пуштибоне надорад. Бесоҳиб аст. Ва зӯр зада тоқат мекунад. Ба куштору ғоратҳо аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноӣ, таҳқиру харигарии милисаҳои рус. Танҳо ба як хотир. Ба даст овардани чор танга. Барои кумак ба аҳли байти он ҷо, дар Тоҷикистон мондааш.

Марги Мунири ғурамарг мотами тамоми аҳли деҳа гашт. Айни даври ғунучини ҳосил бошад ҳам, касе саҳро набаромад. Ҳама дар мотам ҳузур доштанд.

Қомати ростгаштаи Тоҷинисо аз нав хамид. Миёнаш шикаст. Аз нав  пир шуд. Гоҳ ба худ мешуду гоҳ бехуд. Болои тобут хам шуда, сари писари ғӯрамаргашро оғӯш гирифта мебӯсид. Роз мегуфт бо ӯ. Чун бо одами зинда. Рози он рӯзҳое, ки бепадар, чӣ тавр бо азобу машаққат ӯву дигар ҷигарбандҳояшро гурбавор ба воя расонд.

Гоҳо фиғонкашон худро рӯйи замин мепартофт. Ғел мезад, сару рӯяшро ба замин мекӯфт. Нола мекарду фиғон мекашид. Лаънат мехонд. Ба тақдири шум, рӯзи сахт, кушандаҳои ҷигарбандаш, ононе, ки мардумро ба ин рӯз овардаанд. Ҳарчанд занони деҳ ҷаҳд мекарданд оромаш созанд, намешуд. Худро мешапиду метапид. Нолаву фиғон мекард.

Гӯристони деҳ канори он воқеъ аст. Ҳардуро заҳбури чуқур аз ҳам ҷудо месозад. Солҳои пеш он қадар калон набуд гӯристон. Замони ҷанги шаҳрвандӣ мардуми Гулистон хеле кам гашт, нобуд гардид. Аксар ҳар кучо. Нафаронеро кушта даруни об партофтанд. Чандеро силоҳбадастон маҷбур карданд, бо дасти хеш чуқурӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кобанд. Сипас онҳоро болои ҳам парронда ба рӯяшон хок кашиданд. Баъзеҳо барои худ гӯр ҳам наёфтанд. Мурдаи эшонро миёни саҳро, талу теппаҳо даррандаву зоғу заған хӯрда рафт. Ҳамин тавр беному нишон гум шуданд. Маҳз гумномшавӣ то имрӯз бисёриҳоро умедвор месозад. Умедворанд, ки як руз не, як рӯз ба об рафтаву таги хокмондаҳо ва даррандаву зоғу заған хӯрдаҳо пайдо шуда мемонанд.

Баъдтар доси аҷал мардуми Гулистонро бо табларза ном бемории шум сахт даравид. Ва гӯристони деҳ хеле доман паҳн кард. Васеъ шуд. Ҷасади Мунирро канори гӯристон ба хок супурданд. Болои қабраш аз ду тараф навдаҳои бедро рост ниҳода, бо матоъҳои рангин оро доданд. Чун рамзи қабри навҷавон.

Мунир аввалин бошандаи Гулистон буд, ки қатори ҳазорҳо тоҷикон дур аз ватан, аз хешу пайвандон дар ғарибӣ, дар мулки бегона ба қатл расонда шудаанд. Мунир аввалин турнаҳаке буд, ки имсол ба лона баргашт. Вале худ наомад. Ӯро оварданд…

* * *

Рӯзҳои муқаррарӣ идома дошт. Маъракаи ғунучини пахта ба давраи интиҳоияш мерасид. Гулистониҳо яке аз авалинҳо шуда, дар хоҷагӣ нақшаро ба субут расонданд. Солҳои пеш ин гуна воқеъаи хуш кам рух медод. Мардум ҳавасманд набуд. Зеро дастмузди хешро қариб намегирифт. Ҳамаро Тавқӣ бо роҳбарони хоҷагӣ дар ҷиғилдон мезаданд.

Баъди он ки Садбарг бо мӯйсафеди Нур назди раис омада, матлаб баён карданду онҳоро умуман гӯш накард, вилоят рафанд. Он ҷо арзашонро шуниданд. Ба хоҷагӣ комиссияи босалоҳият омад. Ҳамаро бодиққат тафтиш кард. Ва раисро ба ин вазифа лоиқ надонист.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Охирҳои тирамоҳ мардикорони гулистонӣ паси ҳам ба зодгоҳ баргаштан гирифтанд. Аввалин шуда Бахтиёр, писари мӯйсафеди Нур ва Мирҳодӣ, писари хурдии эшони Саидҳодӣ ба хона омаданд. Шом фаро расида бошад ҳам, бисёриҳо дарак ёфта ба аёдат омаданд. Хусусан занҳо. Яке шавҳар, дигаре фазандонашро пурсон мешуд. Шояд онҳоро дар Русия Бахтиёру Мирҳодӣ дида бошанд. Агар дида бошанд, чӣ ҳол доранд? Нийяти хона баргаштан доранд ё не?

Садбарг саҳарӣ хонаи мӯйсафеди Нур омад. Мехост уву Сайлиро бо омадани Бахтиёр муборакбод гӯяд. Сипас якҷоя бо мӯйсафеди Нур идораи хоҷагӣ раванд. Шудгорро дар мӯҳлати кутоҳ анҷом доданд. Замин то баҳори дигар акнун дам мегирифт. Мебоист дигар корҳоро саранҷом кард.

Рӯйи ҳавлӣ Сайлиро дид, ки пайи корҳои рӯзгор ҷунбуҷул дошт. Табъаш болида, сурудеро замзама дошт. Димоғи хуши ӯро дида, Садбарг табассум намуд.

- Муборак шавад! – овоз дод ӯ.

- Раҳмат дугона. Биё, хона даро.

- Вақт нест. Мегум шавҳарта бинуму баъд қати бобой Нур идора равем.

- Саҳари барвақт директори ҳозира омаду мактаб гирифта бурд Бахтиёра. Мега, ки биё мактаба қабул кун. Дигар ай уҳдаш намебаром.

Садбарг бошад хандид. Сабаби хандаашро Сайлӣ нафаҳмид. Ҳайрон ба вай нигарист.

- Ай афтуш, имшав тамоман хов накардӣ – чӣ? – ба кунчковӣ даромад Садбарг.

- Не, баҳузур хоб кардум, - каме сурх шуда посух дод Сайлӣ.

- Дуруғ нагу. Ай чашмот маълум. Суп – сурхан. Гарданут ҳам чанд ҷо кабуд.

- Биё мон, эзмагиҳота…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Ростша бугу, дар бағали шут даромадию ҳамаро фаромуш кардӣ ё не?

Инро гуфта базавқ хандид. Сипас ба хотири дугонаашро дар хиҷолат намондан гапро дигар сӯ кашид.

- Агар паҳлавонум биёя, ай биргадӣ мебаром.

- Даводав дар ҷонут зад?

- Ҳов. Қатори шумо буданум беҳтарай.

Аз хона мӯйсафеди Нур баромад. Садбарг салом доду табрикаш гуфт. Ҷавоби салом дода, мӯйсафед хона таклиф кард ӯро.

- Кор ҳаст бобо

- Боз идора? Набошад як дами дигар сӯҳбат карда истед. Либосҳоямро иваз кунам.

* * *

Бозгашти мардикорон ба Гулистон торафт зиёд шудан мегирифт. Мардону ҷавонони муддати гуногун дар ғарибӣ заҳмат кашида ба деҳа бармегаштанд. Ба қавли Садбарг, турнаҳо ба лонаҳои хеш боз меомаданд. Ва дам мегирифтанд. То баҳори оянда. Маҳз дар ин фосила воқеъаҳои фараҳбахш дар ҳаёти мардуми деҳ рух медод. Тӯйҳо барпо мешуданд. Тӯйҳои арӯсӣ ва маросими хатна.

Саиди паҳлавон, шавҳари Садбарг ҳам ба деҳа баргашт. Вай танҳо наомад. Шавҳари Нигораро бо худ гирифта овард. Саид дар яке аз сохтмонҳо сарвари бинокорон буд. Баъди он ки бо Садбарг телефонӣ гуфтугӯ карда, аз рӯзгори вазнини Нигора дарак ёфт, шавраҳарашро кофта наздаш овард. Хуб насиҳат карду ҳамроҳаш гирифт. Қатори дигарон ӯ низ меҳнат кард. Маблағи зиёд ғундошт. Ҳамроҳи Саид бо тӯҳфаҳои зиёд барои зану фарзандон хона баргашт. Ва аз Нигора узр пурсид.

Чун Саид баргашт, Садбарг аз сарварӣ даст кашид. Ҳама якдилона ба ҷояш Саидро интихоб карданд. Вай ҳам як умр дар саҳро заҳмат мекашид. Ба сифати тракторчӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз ҳама охир, дар арафаи соли нави исавӣ Савлатшоҳ ба деҳа баргашт. Вай ба қавлаш устувор монд. Аз майнӯшӣ тамоман даст кашид. Ҳатто дар мулки бегона. Баъди ба деҳа омадан аввалин коре, ки кард барои Арӯс ва кӯдаконаш гови дӯшои гусоладор харид. Бар ивази гови барои раҳпулӣ фурӯхтааш.

Ба наҷотбахши хеш аз ғарқшавӣ Садбарг бошад, мувофиқи ваъда як либос куртавории гаронқимат тӯҳфа кард. Ва чун амаки раҳматияш Сафархон мегуфт: «То зиндаюм, арвоҳум ай ту розияй…»

А н ҷ о м

Март – апрели соли 2003



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*